# ЗАБОН – БАҚОИ УМРИ МИЛЛАТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 9-10 (171-172) 5-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2022, ЧОРШАНБЕ



Забони ширину шевои тоҷикӣ муҳимтарин унсури ҳастӣ ва бақои умри миллати куҳанбунёди мо мебошад, ки дар даврони истиқлол ва дар марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ рисолати миллатсозиву давлатсозии худро бо рангу чилои тоза идома бахшида истодааст.

Забони мо, яъне забони шоиронаву зебои тоҷикӣ бузургтарин ва гаронбаҳотарин дороиву сарвати мо, ифтихори мо ва рӯйи сурху сари баланди мо – тоҷикон – яке аз миллатҳои қадимтарини дунё мебошад.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҷомеаи Тоҷикистон – аз хурд то бузург, равшанфикрону донишмандон, инчунин, дастгоҳи давлативу ҳукуматӣ ҳифз кардани забони бостонии зебову шево ва ширину шоиронаи тоҷикӣ, тозаву ноб ва поку беолоиш ба наслҳои оянда расонидани он аст.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО АҲЛИ МАОРИФИ ПОЙТАХТ с. 2

СУХАН АЗ ВОЛОИЯТИ ҚОНУН с. 3

ЭҲЁ ВА РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ДАР ПАРТАВИ СИЁСАТИ ФАРҲАНГИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ с. 4-5

НАШ ЛИДЕР - НАША ГОРДОСТЬ с. 6

НАҚШИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАҲРИРИ НАВИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНӢ с. 7

ОМӮЗГОР – РАВШАНКУНАНДАИ РОҲИ ДОНИШ с. 9

ЗАБОН ВА УСЛУБИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ с. 11

НОМИ НЕК АЗ ҲОСИЛИ ДУНЁ с. 12-13

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Қурбонализода Н.Ш.**
номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, декани
факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид
ба илм ва иноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба масъалаҳои рушди
иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа,
профессори кафедраи
назария ва таърихи давлат
ва ҳуқуқ, узви вобастаи
АМИТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси
Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии ҶТ.
**Саидзода Р.Ҳ.**
доктори илмҳои техникӣ,
профессор
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи гражданӣ,
академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорат, узви вобастаи
АМИТ.

**ШАРТҲОИ**
**ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда
намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times
New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ
шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи
муаллифон мувофиқ аст ва ақо-
иди мухталифро ба хотири риояи
чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳан-
ги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-
уми марти соли 2016 ба қайд
гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе,
Буни Ҳисорак, шаҳраки
Донишҷӯён, факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО АҲЛИ МАОРИФИ ПОЙТАХТ







27 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди ифтитоҳи биноҳои нави Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар арафаи таҷлили Рӯзи забони давлатӣ бо устодону донишҷӯёни донишкада ва аҳли маорифи пойтахт мулоқот карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ”, Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ва тақвияту таҳкими мақоми забони давлатӣ андешаронӣ карданд.

Таъкид гардид, ки забони ширину шевои тоҷикӣ муҳимтарин унсури ҳастӣ ва бақои умри миллати куҳанбунёди мо мебошад, ки дар даврони истиқлол ва дар марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ рисолати миллатсозиву давлатсозии худро бо рангу ҷилои тоза идома бахшида истодааст.

Сарвари давлат дастур доданд, ки омӯзиши забон, таърих, фарҳанг ва ҷуғрофияи Тоҷикистон дар муассисаҳои ҳамаи шаклҳои таҳсилот, ки таълимашон ба забони ақаллиятҳои миллӣ мебошад, васеъ ба роҳ монда шавад.

Вобаста ба зарурати таъсиси маркази алоҳидаи тарҷума ва баргардони асари илмиву бадеӣ ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки масъалаи таъсиси Маркази миллии тарҷумаи назди Ҳукумати Тоҷикистонро баррасӣ карда, дар муҳлати се моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурииро таҳия ва тасдиқ намояд.

Тазаккур бояд дод, ки дар чорабинии мазкур устодону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуда, аз суханронии Пешвои миллат баҳраманд гардида, талоши онро меварзанд, ки роҳнамоиҳои Сарвари давлатро сармашқи кори худ қарор диҳанд.

# МАКТАБИ ОМӮЗИШИИ МУҲАҚҚИҚИ СОҲИБНАЗАР

Санаи 22 сентябри соли 2022 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мизи гирди илмӣ - назариявии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ дар мавзуи «Рушди илми криминалистика дар даврони Истиқлолият» бахшида ба фаъолияти илмии профессор Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна баргузор гардид.

Сухани ифтитоҳиро доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. оғоз намуда, иброз намуданд, ки ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз он ифтихор доранд, ки дар чунин лаҳзаҳои фараҳбахш ҳамроҳ бо ёру дӯстон ва ҳамкорону устодон ҳаштоду панҷумин солрӯзи умри пурбаракати яке аз чеҳраҳои шинохтаи илми ҳуқуқшиносӣ, олимаи маъруфи миллати тоҷик, инсони шарифу нексиришт, зани фозилаву тавоно, профессор Ямоқова Зумрад Дадаҷоновнаро ҷашн мегиранд. Барои ба чунин мартаба ва эҳтиром даст ёфтан меҳнати ҳалол, интизомдӯстӣ, зиндагии хоксорона, дурандешӣ, серталабӣ нисбат ба худ ва зердастон, одамшиносӣ, такя ба халқу давлат кардан, ҳурмату эҳтиром ва қадршиносӣ нисбат ба атрофиён зарур аст.

Баъдан номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ Қурбонализода Н.Ш. баромад намуда, иброз дошт, ки боиси ифтихору фараҳмандист, ки устоди азизу меҳрубони мо Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна дар рӯзи нахустини фарорасии фасли фаровонию умедҳо - тирамоҳи зарнисор синни муборакн 85-ро пур карданд. Бо як ҷаҳон таманниёти нек ва садоқати афзун бо камоли эҳтиром устоди муҳтарамро бо ин санаи муқаддаси баҳори умрашон самимона табрик намуда, барояшон тансиҳатии бардавом, офияту иқболи баланд, баракати умр, файзи зиндагӣ, ризқи фаровон, рӯзгори пурнишот, шодкомиву бурдборӣ ва дар амри иҷрои масъулияти баланди омӯзгорӣ дастовардҳои нав ба нави илмию таълимиро орзу намуданд.





Баъдан д.и.ҳ., профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Раиси Кумитаи ММ МО ҶТ оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Раҳмон Дилшод Сафарбек, академики АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳмудзода Маҳкам Азам, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ашӯрбой Имомов, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимзода М.З., мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, профессор Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ, профессор Назаров Аваз Қувватович, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, дотсент Маҳмудов И.Т., мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, дотсент Саъдизода Ҷаҳонгир, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Наргис Хоҷаева ва дигар иштироккунандагон аз сохторҳои бонуфузи мамлакат андешаронӣ намуда, дар маҷмуъ, ҳозирин таманнои онро намуданд, ки муаллимаи арҷманд Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна ба хотири натиҷаи заҳмати беандоза, тарбияи мутахассисони ҷавони соҳаи ҳуқуқшиносии кишвар, амалӣ намудани корҳои илмӣ – таҳқиқотии бунёдӣ ва хидмати арзанда барои пешрафт ва шукуфоии Тоҷикистони азиз, ҳамеша саломату сарбаланд бошад!



# СУХАН АЗ ВОЛОИЯТИ ҚОНУН



Санаи 27 сентябри соли 2022 дар доираи нақша-чорабиниҳои муштараки Прокуротураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарҳи "Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" дар шаҳраки донишҷӯёни донишгоҳ воҳӯрии муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рофизода Мирзоамон ва муовини аввали ректори ДМТ Собирзода Нуралӣ бо омӯзгорон ва донишҷӯёни факултетҳои физика ва ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид.

Воҳӯриро муовини аввали ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Собирзода Нуралӣ оғоз намуда, қайд карданд, ки барои мо арзишмандтарин дастоварди замони истиқлолият



сулҳу ваҳдат ба ҳисоб меравад. Ба қадри ин неъмати бебаҳо расидан ва ҳимояи он аз ҳар гуна хатарҳо вазифаи шаҳрвандӣ ва қарзи инсонии мо ба ҳисоб меравад.

Муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рофизода Мирзоамон оид ба тадбирҳои андешидаи ҳукумати кишвар вобаста ба масъалаи терроризму экстремизм ва шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ сухан намуда, изҳор доштанд, ки дар ҷаҳони муосир равандҳо ва зуҳуроте мавҷуданд, ки на танҳо ба як кишвар ва ё як минтақа, балки ба тамоми кишварҳои ҷаҳон ва дар маҷмӯъ ба кулли мардумони сайёра таҳдид мекунад. Метавон инро дар мисоли ташкилоти террористи экстремистии ҳизби нахзати ислом мушоҳида намуд, ки барои нооромии фазои кишвар даст ба амалҳои номатлуб зада буданд. Ҷавононро мебояд бо худшиносии миллӣ ва донишу заковати худ кишвар ва фарҳанги хешро ҳимоя намоянд.

# НУСРАТИ ИСТИҚЛОЛ: ЗАБОН ВА РУШДИ ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

Санаи 3-юми октябри соли ҷорӣ дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мизи мудаввари ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нусрати истиқлол: забон ва рушди илми ҳуқуқшиносӣ» баргузор гардид.



Сараввал декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. чорабинии мазкурро ҳусни оғоз бахшида, ҳамагонро ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ самимона табрику шодбош намуда, сипос изҳор доштанд, ки ба даст овардани соҳибихтиёрӣ боис гардид, ки арзишҳои мил-



лӣ ва фарҳангӣ рӯ ба инкишоф ниҳода, мардуми мамлакати мо истиқлолияти забониро эҳсос намоянд. Ҳамчунин, дар шароити имрӯза, зарурати ғани гардонидани забони илм ва конунгузории мамлакат ба миён омадааст, ки маҳз дар ин самти фаъолият ҳуқуқшиносон бояд саҳми арзандаи худро гузоранд. Ҳамчунин, декани факултет иброз доштанд, ки бо қабул гардидани Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии ҶТ" мавкеъ ва мартабаи забони давлатӣ боло рафта, дар тамоми саҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии кишвар мавриди истифода қарор мегирад.

Баъдан, намояндаи Раёсати донишгоҳ Рустам Наботӣ вобаста ба аҳамияти забони давлатӣ барои ҳар як давлату миллат андешаронӣ намуда, зикр карданд, ки ҳимояи забони давлатӣ дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ ва густариш ёфтани забонҳои хориҷӣ рӯз ба рӯз аҳаммияти амиқ пайдо намуда истодааст.

Аз ин рӯ, мо муаззаф хастем, ки забони нобӣ тоҷикиро мисли гавҳараки чашм ҳифз намоем



ва онро поку беолоиш нигаҳ дорем.

Ҳамчунин, зикр бояд кард, ки дар мизи гирди мазкур раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар мавриди сиёсати давлат дар самти забони давлатӣ андешаронӣ намуда, зикр карданд, ки маҳз бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат забони давлатӣ мақому мартаба пайдо намуда, давра ба давра инкишоф меёбад.

Дар кори мизи гирд доираи васеи шахсон, аз қабили устодону кормандон, олимону донишмандон, аспирантону унвонҷӯён, намояндагони мақомоти давлатӣ ва магистрҳо иштирок доштанд.

Дар фарҷом бори дигар тамоми мардуми шарафманди Тоҷикистонро ба Рӯзи забони давлатӣ табрику муборакбод намуда, ба онҳо саломативу сарбаландӣ ва ба Тоҷикистони азизамон осмони софу беғубор орзу намуданд.

# ҲИМОЯИ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ ФАРХУНДА БОД!



Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамчун хазинаи илму хирад дар тарбияи намуданаи кадрҳои баландихтисоси соҳаи ҳуқуқшиносии мамлакат нақши босазо дорад.



Ҳамчунин, хурсандибахш аст, ки шумораи устодони унвондор дар факултет давра ба давра зиёд шуда, онҳо пайваста бо унвону дастовардҳои нави илмӣ сарфароз гардида, ба ин васила, хазинаи илмии кишварро бою ғанӣ мегардонанд.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр санаи 21 июни соли 2022 ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Сафарзода Некрӯз Файзӣ дар мавзуи "Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ", 20 сентябри соли равон ассистенти кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ Муминзода Орифҷони Сафо дар мавзуи "Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ тибқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва санаи 24 сентябр бошад, ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» рисолаҳои номзадии худро сарбаландона дифоъ намуданд.

Аз ин рӯ, садорат, ҳайати таҳририяи нашрияи «Минабари ҳуқуқшинос», устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Сафарзода Н.Ф., Муминзода О.С. ва Имомов Ҳ.Ш.- ро ба



ин дастовардашон аз самими қалб муборакбодӣ намуда, ба онҳо рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро баҳри пешбарии илми тоҷик таманно менамоянд.

# ЭҲЁ ВА РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ДАР ПАРТАВИ



**Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кишвари соҳибистиқлол забони тоҷикиро забони ягонаи давлатии худ эълон доштааст. Аз ин рӯ, дар моддаи 2 Конститутсия муқаррар шудааст, ки «забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст».**

Ин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ҳифзи забони он мебошад.

Маҳз дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар кардани мақоми забони давлатӣ ба чунин омилҳо вобастагии ногусастанӣ дорад: забон ва таърихи халқ бо ҳам алоқаи ҷудонопазир доранд, бахусус таърихи ғании халқи мо аз рӯйи далелҳои забонӣ маънидод шудааст; забони тоҷикӣ василаи маҳфуз доштани мероси гаронбаҳои маънавии беш аз чанд ҳазорсолаи халқи тоҷик аст; забони модарӣ дар таърихи тулонӣ дар муборизаҳо ҳамеша муттаҳидгари халқи тоҷик махсуб мешуд; дар забони модарӣ ҳофизаи халқ, ҷаҳони маънавӣ, меъёрҳои ахлоқии халқи тоҷик ҳифз карда шудаанд; забони модарӣ яке аз чаҳор аломати шинохти миллати тоҷик мебошад.

Истиқлолияти давлатӣ дар посдории забони давлатӣ низ нақши бориз дорад. Он забони модариро ба шоҳроҳи инкишоф баровarda, имконият фароҳам овард, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода ша-




вад. Ин чунин маъно дошт, ки дар кишварамон тамоми фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, моддӣ ва маънавию маърифатӣ ба забони тоҷикӣ сурат гирад.

Бояд аз мадди назар дур насозем, ки забон дар ҳамаи давру замонҳо як рукни давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯйи диди сарварони давлат нисбат ба забон ҳадафҳои сиёсӣ муайян мегардид. Нуқтаи назари сарвар ва ҳодимони давлатӣ ба мақоми забон дар ҷамъият, тадбирҳои давлатӣ оид ба амали забонҳо ва роҳу усулҳои иҷрои он тадбирҳо сиёсати забонро дар мамлакат фароҳам меорад.

Дар ҳар маърузаву суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии забони тоҷикӣ аён мегарданд. Чунончӣ, Пешвои муаззами миллат ҳанӯз 21 июли соли 2009 зикр намуда буданд, ки «забони давлатӣ, бешубҳа, яке аз арзишҳои бузурги миллӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ, гузашта аз ин, нишонаи возеҳи истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърихи пуршебу фарози халқи тоҷик махсуб мешавад».

Дар ин як ҷумла сухан аз арзиши миллӣ, пояи давлатдории миллӣ, нишони возеҳи истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърихи халқи тоҷик будани забони тоҷикӣ меравад.

**Дар баробари ин, мояи ифтихормандии мост, ки бо забони тоҷикӣ ҳазорон бузургмардону нобиғаҳо, аз ҷумла Рӯдакиву Фирдавсӣ, Шайх Аттору Ҳаким Саноӣ, Анварию Хоқонӣ, Саъдиву Ҳофиз, Мавлонои Балхиву Мавлоно Ҷомӣ ва садҳо нафари дигар дурри макнуни сухан суфта, осори безаволу мондагорро ба ояндагон мерос гузоштаанд, ки мо, ворисон онро бо осонӣ ва бе луғат меҳонему мефаҳмем.**

Дар даврони ташаккули худ забони тоҷикӣ бисёр марҳилаҳои тӯлонӣ ва мураккабу пурпечутобро тай карда, санҷишҳои сахту сангини таърихро паси сар намуда, имрӯз низ дар даврони истиқлолият ва бунёди давлати миллӣ рисолати худро ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ идома дода истодааст.

Дар робита ба ин, Пешвои миллат таъкид намуданд, ки «дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмоли умум берун мондаанд. Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд».

Дар ҳамин замина бояд иброз дошт, ки шуур ва тафаккури инсон тавассути забон шакл ва вусъат мегирад. Ба ибораи дигар, забон аломатҳои зоҳирӣ, ҷиҳати моддии шуур ва тафаккур ба шумор меравад.

**Дар замони мо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дастовардҳои босуръати илму техника ва технологияҳои навин, дар байни аҳли ҷомеа бештар нуфуз пайдо кардани шабакаҳои иҷтимоӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо ба забони давлатӣ низ таъсир гузошта, барои рушду инкишофи табиии он монеаҳо низ эҷод мекунад.**

Шоистаи таъкид аст, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ ҳангоми истифодаи истилоҳу иқтибосот қолабҳои муайяни калимаю ибора ва истилоҳсозӣ, ки ба табиати забон мувофиқ бошанд, на ҳама вақт ба инобат гирифта мешаванд.

Аз ин рӯ, таъкиди ин нукта, ки бояд аз «иқтибосҳои бемавқеъ худдорӣ карда, истилоҳоти иқтибосӣ ба табиати забон, сохтори сарфию наҳвӣ ва низоми овозии он мутобиқ гардонда шавад», дастури саривақтӣ буда, дар роҳи аз ҳисоби забонҳои дигар ва калимаю ибороти соҳавии улуми гуногун ғанӣ гардонидани забон муҳим мебошад.

Дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосӣ тарбияи насли ҷавон мебошад, ки илова ба хуб донистани забони модарии худ бо назардошти талаботи ҷаҳони муосир бояд ҳадди ақал се-чор забони хориҷиро донад. Пешвои миллат таъкид мекунанд, ки «дар шароити ҷаҳонишавӣ, яъне таҳоҷуми фарҳангиву забонӣ моро зарур аст, ки баробари омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ барои пешрафти забони тоҷикӣ ва тавсеаи доираи истифодаи он мунтазам кӯшиш ва ғамхорӣ намоем». Зеро, чунонки бузургон таъкид мекунанд, забони худро надониста, аз бар намудани забонҳои дигар имкон надорад.

Роҷеъ ба ин гуфтаҳо, Пешвои муаззами миллат дар робита ба гиромидошти забони модарӣ таъкид намуданд, ки «мо бояд забони шево ва шоиронаи тоҷикиро мисли модар ва Ватани худ дӯст дорем ва онро ҳамчун гавҳари бебаҳои ҳастиамон ҳифз кунем». Дар ҳақиқат, дар забони модарӣ ҳамчун дар оинаи пурҷило симои миллат ва тамоми дастовардҳои маънавии он инъикос мегардад ва аз ин рӯ, дар сатҳи олӣ донистани забони давлатӣ ва пок нигоҳ доштани он зарур мебошад.

Дар пасманзари гуфтаҳои Пешвои миллат таъкид намуданием, ки забони мо сарвати мо ва бойигарии маънавии миллат ба ҳисоб меравад, гиромӣ доштан ва ҳимояи он ба сифати забони давлатӣ вазифаи ҳар тоҷику тоҷикистонӣ ва мо, соҳибони ин забон мебошад.

## НАҚШИ МЕҲВАРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ГУСТАРИШИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи чунин шахсиятҳои бузурги давлатию таърихӣ мебошанд, ки дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ дар рушду тараққӣ кардани забон дар замони соҳибистиқлолӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Оре, забон ба унвони падидаи фарҳанги миллӣ аз замони пайдоиш барои нигаҳдории таърих, арзишҳои

# СИЁСАТИ ФАРҲАНГИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

маънавии миллат, анъана ва суннатҳои мардумӣ хизмат карда, ҳамчун муҳимтарин унсури бақои миллат худро муаррифӣ намудааст. Таассути забон дар ҳофизаи хаттии миллатҳо маҷмуи тафаккур ва андешаи мардум ҳамчун мероси маънавӣ аз наслҳои гузашта то имрӯз нигаҳдорӣ гардидааст, ки барои таҳкими худшиносию худогоҳии миллӣ мусоидат мекунад.

Дар ҳамин радиф, Пешвои миллат чунин зикр менамоянд, ки «мо вазифадорем, ки ин хазинаи бемисло чун гавҳари чашм ҳифз намоем ва барои устувор гардонидани пояҳои забони давлатиамон ҳарчи бештар заҳмат кашем. Зеро, андеша ва ғояи миллии ҳар халқ дар забону адабиёт ва фарҳангу ҳунараш ифода ёфта, дар тафаккуру маърифати фарзандони он ташаккул меёбад».

Албатта, дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо кӯшиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии забони тоҷикӣ ба куллӣ дигар шуд. Бо дарки муҳимтарин ва умдатарин масъала, яъне хусусияти муттаҳидгардонӣ ва ваҳдатофарии забон Роҳбари давлатонро ҳамчун рукни устувору побарҷои давлатдории навини тоҷикон эътироф намуданд, ки аз азамату ҷалол ва иқтидору нерую тавоноии забони тоҷикӣ сарчашма мегирад.

**Бошарофати Истиқлолияти давлатӣ ва ташаббусҳои пайвастаи Пешвои миллат забони тоҷикӣ ба феҳристи забони давлатҳои мустақили ҷаҳон дохил шуд, барои шинохти миллати тоҷик ба сифати мардуми дорои ҳама аломату нишонаҳои миллати таърихӣ заминаҳои сиёсӣ фароҳам омад ва дар ориёишносӣ ва ё эроншиносии муосир шоҳаи сифатан нави тоҷикшиносӣ ҷойи расмӣ ва мустақиле барои худ пайдо намуд.**

Дар баробари ин, чунонки Пешвои миллат таъкид мекунанд, ҳар шаҳрванди кишвар барои поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ кӯшиш карда, падару модарон бояд ба наслҳои оянда одоби муоширát ва суханвариро бо ин забони ширину шоирона омӯзонанд, зеро беэътиноӣ ба забони модарӣ беэҳтиромӣ нисбат ба миллату Ватан, модар ва таъриху фарҳанги хеш аст.

Бахусус, ташкил намудани мулоқоту суҳбатҳо бо ҷалби олимону адибони маъруф, омӯзишу мутолиаи асарҳои илмиву адабӣ, аз бар кардани шеърҳо ва ғайра, ки имконияти беҳтари бедор намудани завқу шавқи ҷавононро дар пай доранд, барои қавӣ гардонидани ҳофизаи таърихии хонандагону донишҷӯён зарур мебошад.

Мояи ифтихору сарбаландист, ки Пешвои муаззами миллат пуштибону ҳомии забони тоҷикӣ мебошанд ва ба забон ҳамчун рукни асосии бинои ҳастии миллат ва устувориву будубоши давлат ба ҳайси муқаддасоти миллат арҷ мегузоранд.

Чунонки дар ин маврид Сарвари давлат ишора намудаанд: «Бақои тоҷик забони тоҷик аст, яъне забони ноби тоҷикӣ. Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи вокеӣ ва ростини миллатро дар ҳифзаи худ нигоҳ медорад. Фарҳанги беназиру оламшумули тоҷикон ва адабиёти пурғановати зиёда аз ҳазорсолаи тоҷикон, ки қалбҳои аҳли назар ва фаҳму фаросати ҷаҳонро тасхир кардааст, маҳз бо ҳамин забон, яъне забони тоҷикӣ навишта ва эҷод шудаанд».

## ТАҲКИМИ ЗАМИНАҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ МИНБАЪДАИ ОН

**Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009 забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифта, ҷиҳати баланд бардоштани устувории он асоси қонунӣ гузошта шуд.**

Қонуни мазкур истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигарро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд.

Қонуни мазкур ба рушди забони давлатӣ дар қаламрави Тоҷикистон нигаронида шуда, вазифаҳои навбатии давлат ва ҷомеаро муайян месозад. Истифодаи васеи забони давлатӣ дар соҳаи технология, компютеркунонӣ, интернет, такмили таълими забони давлатӣ дар гурӯҳҳои тоҷикию ғайритоҷикии мактабҳои миёнаву олӣ, тарбияи ифтихори миллӣ аз забони модарӣ, баланд бардоштани фарҳанги суханварӣ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи қоидаву қонунҳои забони давлатӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим маҳсуб мешаванд.

Президенти Тоҷикистон андешаҳои худро дар бораи густариши минбаъдаи забони давлатӣ ба таври мухтасар ва ҷамъбастӣ чунин баён кардаанд: «Мо барои равнақи забони модарии худ боз ҳам бештар ғамхорӣ хоҳем кард, онро ҳамчун гавҳари қиматбаҳои миллӣ ҳифз хоҳем кард».

Аз ин ҷост, ки барои татбиқи қонуни нав аз мақомоти давлатӣ сар карда, то муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ тадбирҳои мушаххас андешида шуданд ва дар садади иҷро қарор доранд.

Дар робита ба ин, 30 июни соли 2021 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва «Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ба тасвиб расид, ки имрӯз мавриди амал қарор дорад.

Дар замони соҳибистиқлолии кишварамон ба яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати забонии давлату Ҳукумат эҳё ва ба танзим даровардани номҳои миллӣ ва қадимаи тоҷикӣ, истифодаи саҳеҳ аз қолабҳои калимасозии миллӣ, номгузории мавзеъҳои ҷуғрофӣ, таърихӣ, маҳаллу деҳот ва шаҳру ноҳияҳо низ, ки бояд бо такя ба суннатҳои гузаштаи ниёгон амалӣ карда шавад, табаҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Аз нав эҳё гардидани номҳои асили миллӣ, таърихӣ ва қадимии Суғд, Хатлон, Бохтар, Истаравшан, Рашт, Сайҳуну Ҷайҳун на танҳо ба гузаштаи пурифтихори мо ишора доранд, балки ҷиҳати эҳёи ҳофизаи таърихӣ ва ташаккули худогоҳиву худшиносии миллии мардуми мо нақши муассир мегузоранд.

**Дар партави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бевосита бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ду марҳила ҳуҷҷатҳои барномавӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди забони давлатӣ қабул карда шуданд. Аз ҷумла, «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012 ва «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020 тасдиқ гардиданд.**

Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои сиёсати давлатӣ оид ба забон қабул гардида, дар рушду густариш ва баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ нақши муҳим дошта, бобати инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меорад.

Бояд зикр намуд, ки барномаи мазкур барои ташаккули худшиносӣ, худогоҳии шаҳрвандон, боло бурдани ҳисси ватандӯстӣ ва рушди ҷаҳонбинии сиёсиву фарҳангии аҳли ҷомеа таҳия шудааст.

## НАҚШИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ГУСТАРИШИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Ҷавҳари сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатамонро дар самти сиёсати давлатӣ оид ба забон, эътирофи забони давлатӣ ҳамчун омили муҳимтарини ҳастии давлат ва миллат, густариши истифодаи забони давлатӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани омӯзиши забони адабӣ, инчунин ҷараёни мукаммалу муназзами риояи қоидаҳои он ба сифати арзиши олии давлатӣ ташкил додааст.

Бори нахуст дар таърихи давлатдории мо забони тоҷикӣ аз муқаддасоти давлат дониста шуд, ки нишони аҳаммияти махсуси давлатӣ нисбат ба забони модарист. Дар ин росто, муҳиммияти муқаддасоти мазкур, қабл аз ҳама, дар асарҳои калидӣ ва оламшумули Пешвои миллат инъикоси пурвусъат ёфтаанд.

Яъне китобҳои Роҳбари давлат худ таҷассумгар ва таҳкимбахши заминаҳои таърихӣ ва рушди забони тоҷикӣ мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки Пешвои муаззами миллат дар таълифоти илмию таҳқиқотиашон муҳимтарин масъалаҳои миллат ва забонро мавриди баррасӣ қарор дода, иртиботи бевоситаи ин ду рукни муҳимми миллатсоз ва давлатсозро пайваста таъкид месозанд.

**Аз ҷумла, асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён» (2002), «Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён» (2002), «Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориёнто Сомониён» (2006), «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», (2006), суханрониҳояшон дар маҳфилу ҷорабиниҳои гуногун оид ба сиёсати забонии давлат, муайян кардани самтҳои асосии инкишофи забон ва забоншиносии тоҷик нақши бунёдӣ ва раҳнамоӣ доранд.**

Дар ин радиф, махсусан асари дуҷилдаи «Забони миллат – ҳастии миллат», ки сайри таърихии забони тоҷикиро аз замони қадим то имрӯз дар бар гирифтааст, бори дигар собит сохт, ки Пешвои муаззами




миллат нисбат ба тақдири забони давлатӣ таваҷҷуҳи хоса дошта, оид ба рушду такомули минбаъдаи он пайваста андешаронӣ мекунанд.

Дар ин асари бунёдӣ дастовардҳои навтарини забоншиносиву тоҷикшиносии ватаниву ҷаҳонӣ ҷамъбаст гардида, аз лиҳози сабку ҷобаҷогузории мавод ва тарзи пешниҳод аз дигар осори забоншиносӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Аз ин рӯ, дар марҳалаи сифатан нави давлатдории мо — тоҷикон, таълиф ёфтани асари гаронбаҳои «Забони миллат – ҳастии миллат» аз як ҷиҳат барои муаррифии забони мо – нишони ҳастии мо хизмати бузургро ба анҷом расонида бошад, аз ҷониби дигар арҷгузорӣ ба забони миллат, ҳалли якчанд масъалаҳои баҳсталаби забоншиносии тоҷик ва бозгӯи қудрату манзалат, ҳифзи асолати забони тоҷикӣ аз гузашта то ба имрӯз аст.

**Ҳамин тариқ, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду густариши забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ беназир буда, маҳз ба василаи сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат забони модарии мо дар замони соҳибистиқлолӣ ҷойгоҳи аслии худро соҳиб гардид.**

**Эмомалӣ НАСРИДДИНЗОДА**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессор



# НАШ ЛИДЕР – НАША ГОРДОСТЬ

**Эмомали Рахмон родился 5 октября 1952 года в Дангаринском районе Республики Таджикистан. Благодаря мудрым шагам, стойкости и необыкновенной смелости, Эмомали Рахмон спас страну от угрозы катастрофы, сплотил народ и вернул на Родину тысячи беженцев. Благодаря твёрдой воле Главы государства, за короткое время всё разрушенное было восстановлено, появились новые крупные объекты, в том числе был построен «Магистраль единства», обеспечивающая постоянную связь между всеми уголками страны. Все важнейшие достижения и успехи страны являются результатом самоотверженного труда и смелых шагов Эмомали Рахмона.**

**Наградой за эти огромные усилия стали любовь и уважение, которые Эмомали Рахмон снискал у народа Таджикистана и среди сотни тысяч зарубежных соотечественников. Он также завоевал огромное уважение мирового сообщества, которое каждый раз оказывает ему знаки внимания как авторитетному Главе Таджикистана, опытному политику и выразителю общечеловеческих ценностей и идеалов.**

**Огромный вклад внёс Эмомали Рахмон в повышение международного авторитета и престижа Таджикистана, в решение глобальных проблем. Неоднократно выступая с высокой трибуны ООН, он привлекал внимание мирового сообщества не только к проблемам Таджикистана, но и к вопросам Афганистана, борьбы с терроризмом, экстремизмом и контрабандой наркотиков, обеспечения человечества чистой водой.**



## МИРОВЫЕ ЛИЧНОСТИ ГОВОРИЛИ ОБ ЭМОМАЛИ РАХМОНЕ СЛЕДУЮЩЕЕ:



**ВЛАДИМИР ПУТИН,**
**Президент Российской Федерации:**

«Эмомали Рахмон является одной из ярких фигур и занимает достойное место среди политиков Содружества Независимых Государств. Это не напрасно. Все его усилия свидетельствуют о том, что мирный процесс в Таджикистане идёт стабильно, чего не было ни в одной стране, имевшей столь напряженную ситуацию. Всё, что реализовано в Таджикистане по этому вопросу, является хорошим примером для многих других народов и стран».

**ЖАК ШИРАК,**
**бывший президент Франции:**



«Французский народ никогда не забудет твёрдую позицию Президента Республики Таджикистан, которая опирается на богатую, великую, политическую и духовную культуру таджикского народа».



**АХМАД ШАХ МАСУД,**
**национальный герой Афганистана:**

«Независимость Таджикистану подарил Эмомали Рахмон – этот политик мирового уровня. Сегодня он самый известный сын Таджикистана и всех таджиков мира и настоящий друг Афганистана».

**АЛЕКСАНДР ЛУКАШЕНКО,**
**Президент Республики Беларусь:**



«Гордые, трудолюбивые, талантливые и гостеприимные таджики действительно гордятся своим соотечественником Эмомали Рахмоном. Повторю еще раз, что мудрая политика этого человека защитила свою страну и принесла мир на эту землю. И не только вы это цените. Мы все члены СНГ ценим эту благородную службу, ведь мир и покой на вашей земле – это мир и покой в нашей Беларуси, в России и в других странах».

Исторических заслуг Эмомали Рахмона посчитать невозможно, ведь именно он, взяв на себя управление государством, предотвратил угрозу его исчезновения, погасил пламя гражданской войны, восстановил парализованные структуры власти, создал национальную армию и пограничные войска, обеспечил условия для упрочения власти и государства, гарантировал нации мир, вернул на Родину беженцев и вынужденных переселенцев, заложил прочный фундамент для построения нового общества Таджикистана, провёл в стране конституционную реформу, создал новую Конституцию Таджикистана, обеспечил политическую и правовую основу для подписания 27 июня 1997 года Общего соглашения об установлении мира и национального согласия. Эмомали Рахмон добился достижения мира между таджиками, что стало поучительным опытом для мирового сообщества.

**Умед МУРОДЗОДА,**
**асистенти кафедрой конституционного права**

# НАҚШИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАҲРИРИ НАВИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНӢ

**Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КГ ҶТ) маҳсули истиқлолияти давлатӣ буда, меъёрҳои он асоси танзими ҳуқуқи хусусии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба баробарӣ ва мухторияти ирода асосёфта мебошад.**

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар дар бораи сиёсати дохилӣ ва беруна аз 24-уми апрели соли соли 2013 оид ба таҳрири нави КГ ҶТ изҳори ақида карда шуд. Ин ақида асосҳои илмӣ ва амалӣ дошта, таъсири объективонаи омилҳои зерин мебошад:

**– раванди босуръати инкишофи ҳуқуқҳои граждании инсон (шахси воқеӣ) ва иттиҳодияҳои он, васеъ гардидани мавзуи танзими ҳуқуқи гражданӣ, бинобар аз истифодаи бештари хизматрасониҳои зеҳнӣ ва эҳтиёҷоти бештари ҳифзи дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ;**

**– рушди соҳибкорӣ, муносибатҳои корпоративӣ, иттилоотӣ, сармоявӣ ва истифодаи бештари механизми худтанзимкунӣ, нуфуз ва функсияҳои нав пайдо намудани шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ, бахусус дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт ва сохтмони асосӣ;**

**– иштироки фаъоли давлат, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар муносибатҳои молумулкӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои маънавии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;**

**– истифода нашудани имкониятҳои забони давлатӣ дар матни меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ба забони илми ҳуқуқшиносӣ табдил додани он, ба ҳам мутобиқ набудани матни тоҷикӣ ва русии КГ ҶТ, ҷой доштани номутобиқатии дохилии қонунгузории гражданӣ ва масъалаҳои наве, ки аз қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба вуҷуд омаданд.**

Бо мақсади ба инобат гирифтани омилҳои нав ва таҳрири нави КГ ҶТ амри Президенти ҷумҳурӣ аз 8-уми июни соли 2013, таҳти № АП – 2257, дар хусуси таъсиси гурӯҳи корӣ қабул гардид. Ҳайати он аз кормандони собиқадори Суди олии ҶТ, Прокуратура ҶТ, вазорату идораҳои дахлдор, инчунин олимони соҳаи ҳуқуқи гражданӣ иборат буд. Баъдан бо қабул намудани амри Президенти ҷумҳурӣ аз 30-юми апрели соли 2019, таҳти № АП – 1210 ҳайти гурӯҳи мазкур таҷдиди назар карда шуд.

Давоми нуҳ сол ин гурӯҳ имкониятҳои КГ ҶТ устувор ва инкишоф дода, мундариҷаи он такмил ёфт, меъёрҳои он ба забони фаҳмо ва беғалат тахия шуд, мухолифати истилоҳот бартараф шуда, инчунин хусусиятҳои танзими соҳавӣ ба инобат гирифта шуд. Барои инкишофи забони давлатӣ ва истифодаи оқилонаи тавоноии он дар танзими ҳуқуқи мадании заминаи боэътимод гузошта шуд.

Ҳамзамон талаботҳои моддаи 39 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30-юми майи соли 2017, таҳти № 1414, дар хусуси истилоҳҳои матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои оммафаҳм тартиб дода шаванд ва як истилоҳ бояд як маъно дошта бошад, риоя карда шуд.

**Банди 39 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018 – 2028, ки бо фармони Президенти ҷумҳурӣ аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти № 1005 тасдиқ шудааст, таҳияи фасли алоҳида дар КГ ҶТ оид ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, таҳияи боби алоҳида оид ба шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, ба меъёрҳои конвенсионӣ мутобиқ намудани қисми 3 ҳамин Кодексро пешбинӣ намуда буд, ки ҳангоми таҳрири нави он ба инобат гирифта шуд.**

Боби 2 Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти ҶТ бинобар аз узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31-уми октябри соли 2014, таҳти № 691 тасдиқ шудааст, масъалаҳои бартараф намудани монеаҳои техникиро дар савдо гузошта буд, ҳангоми таҳрири нави ин кодекс ба инобат гирифта шуд. Ҳамзамон бобҳои нав оид ба шартномаи агентӣ, эскроу, лизинг, хариди давлатии мол, хариди маҳсулоти кишоварзӣ, иҷораи захираҳои табиӣ ва дигар бобҳо ба қисми дуюми ин кодекс ворид гардид.

**Дар таҳрири нави лоиҳаи КГ ҶТ нақши Консепсияи такмили қонунгузории граждании ҶТ, бо қарори Шӯрои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ аз 30-юми апрели соли 2014, таҳти № 4 қабул карда шуд, муҳим мебошад. Ҳамчун ташкилоти пешбар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ барои гурӯҳи корӣ шароити заруриро муҳайё намуд.**

ҶТ аз нахустин рӯзҳои даврони истиқлолияти давлатӣ барои рушди забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ ва истифодаи қудрати он, аз тамоми шароиту имконот истифода менамояд. Рушди забони давлатӣ дар танзими ҳуқуқӣ ва сивилистика аз вазифаҳои бисёр муҳимми давлат барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дониста мешавад. Ба ҳар як аъзои гурӯҳи кории таҳрири нави КГ ҶТ зарур буд, ки аз қудрати забони давлатӣ истифода намуда, онро ба забони ҳуқуқи мадании таъсис диҳад. Ба ҳар қадоми мо зарур буд, ки ба имкониятҳои забони давлатӣ рӯ оварда, барои ба забони илми ҳуқуқи маданӣ табдил ёфтани он саҳми арзанда гузорем. Чи тавре ки Пешвои миллат дуруст қайд мекунанд: «Илми воқеан миллӣ дар асоси забони миллӣ таъсис ва ташаккул дода мешавад, ки инро таҷрибаи дигар кишварҳо қайҳо собит кардааст. Забони тоҷикӣ фақат дар сурате ҳамчун забони илму фарҳанг мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад, ки бо ин забон истилоҳоти илмӣ ба вуҷуд оварда шавад». Тағйири номи КГ ҶТ саҳми муҳим дар оғози ин кор аст. Бинобар ин, яке аз навгониҳои асосии таҳрири матни ин кодекс тағйир ёфтани номи он мебошад.

**Кодекси мадании Тоҷикистон номидани ин қонуни муҳими ҳаёти хусусӣ аз риояи ҳатмии талаботи моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5-уми октябри соли 2009, таҳти № 553 ва моддаи 40 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» гувоҳӣ медиҳад.**



Шукрулло ҒАЮРЗОДА
мудири кафедраи ҳуқуқи
гражданӣ, профессор

Чунин ҳолат ба истифодаи номи Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ ё Агентии авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ монеа намебошад. Онҳо мақомотҳои манфиати умум буда, доштан, тағйири ном ё истифодаи номи эътирофшуда бо истилоҳи «маданӣ» вобастагӣ надорад. Тағйири номи ин кодекс барои амалигардонии Кодекси мурофиавии гражданӣ монеагӣ эҷод намекунад, чунки номи нави ин кодекс хусусияти фардикунонии яке аз қонунҳои асосии танзими муносибатҳои хусусиро дорад ва хилофи тартиб ё қонунҳои оммавӣ намебошад.

**Лоиҳаи Кодекси мадании Тоҷикистон аз 3 қисм, 8 фасл, 72 боб ва 1351 модда иборат буда, 25 – уми январи соли 2022 бо ташаббуси қонунгузории Президенти ҷумҳурӣ барои муҳокима ва қабули он ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ирсол карда шуд.**

**Ҳамин тавр, дар омода гардидани Кодекси граждании ҶТ дар таҳрири нав нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург ва мондагор мебошад.**



# ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ – ОМИЛИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ

Забон бузургтарин сармоя ва пурарзиштарин омили нигаҳдорӣ, ҳимоя ва интиқолдиҳандаи фарҳангу тамаддун ва суннату анъанаҳо буда, дар ҳифзи асолати миллӣ нақши муасс ир дорад. Аз ин рӯ, сиёсати давлатӣ дар самти забон ҷузъи ҷудонопазир маҳсуб ёфта, он метавонад дар таъмини рушди бомароми забони давлатӣ мусоидат намояд.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ аввалин қадаме, ки ҶТ дар самти рушди забони тоҷикӣ гузошт, дар Конститутсияи кишвар ҷойгир намудани мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ маҳсуб меёфт. Дар мавриди арзишмандии забони тоҷикӣ дар моддаи 2 Конститутсия чунин муқаррарот ифода гардидааст: «Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст».

Зикр намудан ба маврид аст, ки асосии ҳуқуқии мавҷудияти забони давлатӣ сарчашмаи худро аз Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии ҶТ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мегирад. Бо мақсади эҳтироми хосса ба забон, бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат соли 2009 қонуни махсус қабул гардид, ки он аз воломақомии забони давлатӣ дар ҶТ шаҳодат медиҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ бо намояндагони аҳли зиё, маориф, илм, адаб ва фарҳанг таъкид карданд, ки бо мақсади боз ҳам рушд ёфтани забони давлатӣ бояд барномаҳои давлатӣ мавриди амал қарор гиранд ва барои омода ва таҳия намудани лоиҳаи «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» вазорату идораҳои дахлдор масъул гардиданд.

Барномаи мазкур масъалаҳои эҳтиром ба забони давлатӣ, ки ҳамчун муқаддасоти миллӣ эътироф шудааст, истифодаи забони давлатӣ дар тарбияи маънавӣ, фарҳанги худшиносиву худогоҳӣ, риояи меъёрҳои забони адабӣ, ҳифзи забони адабӣ аз унсурҳои ғайриадабӣ, гуфтугӯӣ ва бегона, танзими истилоҳоти соҳавӣ, эҳёи арзишҳои маънавиро дар бар мегирад.

Дар баробари ин, Пешвои миллат доимо таъкид менамоянд, ки дар сатҳи олӣ донистани забони давлатӣ ва поку беолоиш нигоҳ доштани он, хусусан, забони муошират, яке аз муҳимтарин вазифаҳои мо мебошад. Зеро дар замони пешрафти бесобиқаи илму техника таҳияи истилоҳ ё истилоҳсозӣ ба сифати омили тавонбахши забон дар ҷомеаи мо аҳамияти мубрам пайдо кардааст. Ба вуҷуд овардани забони илм бе таҳияву танзими истилоҳоти соҳаҳои мухталифи илм ва то ҳадди забони меъёр такмилу сайқал додани он ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки барои тавсеаи доираи калимасозиҳои мавзӯӣ, аз қабили истилоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра аз имкониятҳои забони модарӣ ҳамаҷониба истифода карда шавад.

Бо дарназардошти он ки забони тоҷикӣ ҳамчун забони сиёсату қонунгузорӣ ва муошırату коргузорӣ дар ҳама соҳаи ҳаёти мамлакат истифода мешавад, омӯзишу донистани он барои ҳар як сокини ҷумҳурӣ зарур аст. Бо ин мақсад, ҳоло вақти он фаро расидааст, ки ҳар як вазорату идора, ташкилоту муассиса, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, дар татбиқи кору вазифаҳо, ки дар «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» тасдиқ гардидаанд, сидқан саҳм гузошта, дар амалисозии он кӯшиш ба харҷ диҳад.

Аз таҳлил ва омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи забон якчанд пешниҳодҳоро манзур менамоем, ки барои боз ҳам мустаҳкам гардидани мавқеъ ва мартабаи забони давлатӣ кумак мерасонанд:

1. Татбиқи самараноки Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 дар тамоми мақомотҳои давлатӣ, вазорату идораҳо;
2. Баланд бардоштани мақоми забон бо дарназардошти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, доман паҳн кардани забонҳои хориҷӣ ва таъсири онҳо ба забони давлатҳои мустақил;
3. Риояи катъии забони давлатӣ дар муошират ва ҳуҷҷатгузорӣ дар вазорату идораҳо ва корхонаву муассисаҳои давлативу хусусӣ;
4. Назорат ва танзими шиору овезаҳо дар шаҳру ноҳияҳо;
5. Назорати номгузорӣ дар ташкилотҳои давлативу хусусӣ;
6. Муқаррар кардани ҷавобгарӣ ҷиноятӣ барои таҳқири забонӣ давлатӣ. Таҳқири забон таҳқири миллат ва таҳқири гузаштаи пурифтихори мост!
7. Забони шабакаҳои интернетӣ кардани забони давлатӣ. Ба он хотир, ки шаҳрвандон дар дилхоҳ сурат аз истифодаи забони давлатӣ дар интернет баҳравар гарданд.



**Шералӣ ХОЛИҚЗОДА**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

**Ҳарчи ӯ аз моли дунё дошт, дод,**
**Хиттаи Балху Бухоро дошт, дод.**
**Суннати волою девон дошт, дод,**
**Тахти Сомон дошт, дод.**
**Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,**
**Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт,**
**Душмани санъатфурӯшаш санъати Беҳзод бурд**
**Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.**
**Дод ӯ аз даст гурзи Рустаму Сӯҳробро,**
**Барбарони нотавонеро тавоно кард ӯ.**
**Номи худро ҳамчу гӯри Рӯдакӣ аз ёд бурд,**
**Қотилони хешро машҳури дунё кард ӯ.**
**Қомати кӯтоҳи манғит**
**Аз манори каллаи аҳли Хуросон шуд баланд.**
**Пастии саҳрои Қипчоқ**
**Аз баландии Бадахшон шуд баланд.**
**Халқи тоҷик,**
**Халқи армон,**
**Об дар чашм,**
**Чун ятимон.**
**Дар лабаш хашм**
**Чун асирон,**
**Аз ватан то бар кафан ҳар буду нобуде, ки буд,**
**Бар кафанталбу ватанталбандаҳо бахшиду дод.**
**Душмани дарвеши худро,**
**Шоҳу доро карду худ дарвеш шуд.**
**Дар миёни тангчашмоне, ки дар чашмонашон**
**Солҳои тангиро медид ӯ,**
**Гаҳ дар оташ,**
**Гаҳ дар об**
**Таҳ ба таҳ бо сӯхтанҳои манори суғдиёнаш сӯхт – сӯхт,**
**Бо харобободи девору дари Афросиёбаш шуд хароб.**
**Лек лафзи модариаш,**
**Ҳамчу номи модараш,**
**Дар забону дар даҳонаш монд - монд.**
**Ҳар сухан бо шири модар**
**Сахт шуд дар устухонаш монд - монд.**
**Худ ба худ дар гӯшаи хоки диёр**
**Аз ҷудоӣ, аз ғарибӣ,**
**Ӯ гиристу гиряҳо бар обшорон ёд дод,**
**Лафзи кӯҳистоние бар боду борон ёд дод.**
**Рӯдҳоро Рӯдакидон кард ӯ,**
**Бодҳоро Анварихон кард ӯ.**
**Рӯзи ноободиаш тоҷик забон обод кард,**
**Дар забонаш давлати бедавлатӣ бунёд кард.**
**Давлате аз ҳарфи вазнин,**
**Давлате аз шеъри рангин.**
**Аз чунин шеъре, ки ҳар як мисрааш**
**Ҷӯяе аз хуни сарбозони ӯст,**
**Равзани нуре аз оташҳои зардуштони ӯст.**
**Гӯйиё чун сайди маҷрӯҳ**
**Ӯ ҷароҳатҳои худро**
**Гаштаю баргашта лесид,**
**Бо забони худ даво кард.**
**Дар сарояш тоҷик аз бахти нагун**
**Гарчи бо габру мусулмон**
**Ҳамсаро буд,**
**Ҳамрасулу ҳамхудо буд,**
**Дар забон аммо ҷудо буд.**
**Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,**
**То наафтанд аз забони хештан.**
**Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,**
**То наафтад бар замин қадри сухан.**
**Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,**
**Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.**
**То забон дорад, ватандор аст ӯ,**
**То забондор аст, бисёр аст ӯ!**

**Бозор СОБИР**




## БУЗУРГОН ДАР ВАСФИ ЗАБОН ВА СУХАН

**Чу ба одамӣ ҷуфт гардад парӣ,**
**Нагӯяд парӣ ҷуз ба лафзи дарӣ.**
**Унсурӣ**

**Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,**
**Сухан талху ширину дармони дард.**
**Абӯшакури Балхӣ**

**Мағӯ нохуш, ки посух нохуш ояд,**
**Ба кӯҳ овози хуш деҳ, то хуш ояд.**
*********

**Ба гуфтори ширин фиребанда мард,**
**Кунад, он чи натвон ба шамшер кард.**
**Носири Хусрав**

**Маслиҳати туст забон зери ком,**
**Теғ писандида бувад дар ниём.**
**Низомӣ**

**Ба шамшери забон марди суханвар,**
**Кунад олам мусаххар чун Сикандар.**
**Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ**

**Беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст!**
**Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст?**
**Салим**

**Аз Худо чун сухани нарм надорем талаб,**
**Шамъсон шуълаи оташ ба забон моро баст.**
**Сайдо**

**Нигоҳ дор забон то ба дӯзахат набарад,**
**Ки аз забон батар андар ҷаҳон зиёне нест.**
*********

**Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?**
**Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.**
**Чу дар баста бошад, чӣ донад касе,**
**Ки ҷавҳарфурӯш аст, ё пилавар.**
*********

**То мард сухан нагуфта бошад,**
**Айбу ҳунараш наҳуфта бошад.**
**Ҳар беша гумон мабар, ки холист,**
**Шояд ки паланге хуфта бошад.**
*********

**Бо сухан зинда шавад номи ҳама,**
**Бо сухан пухта шавад хоми ҳама.**
**Шайх Саъдӣ**

**Сухани хуш ҳаёти ҷону тан аст,**
**Дами Исо гувоҳи ин сухан аст.**
**Ҷомӣ**

**Гӯшро кар куну бишнав, ки чиҳо мешунавӣ,**
**Дида барбанду назар кун, ки чиҳо мебинӣ.**
**Соиб**

**Овар бурун зи гӯшат ин пунбаҳои ғафлат,**
**Дар дарси нуктасанҷон дар ком каш забонро.**
**Зебуннисо**

**Заҳр бодо шири модар бар касе,**
**К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.**
**Лоиқ**

# ОМӮЗГОР – РАВШАНКУНАНДАИ РОҲИ ДОНИШ




Ҳар яки моро омӯзгору раҳбарест. Ё ҳамон нафаре, ки ба мо алифбо омӯхт. Шахсияте, ки пайваста аз қаҳрамониҳо, вафодорӣ ва фидокории ниёгонамон қисса кард. Ҳамон фарде, ки дарси сулҳу ватандорӣ омӯзонд. Ё роҳнамое, ки ба мо Рӯдакию Фирдавсӣ, Мавлонову Ҳофизу Хайёмро муаррифӣ намуд...

Ҳамон раҳкушое, ки имрӯзу фардои умри хеш, муҳаббату садоқат, меҳру вафор ва тамоми вуҷуди хешро баҳри шогирдон бахшидаанд...

Дуруст гуфта Мавлоно: «Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд...»

Барои он ки як инсони комил ба воя бирасад, даҳҳо омӯзгор заҳмат мекашанд. Шабҳои бехобӣ, кӯшишу талош, фидокориву ҷонисории устодон аст, ки фарзандони фарзона, шоиру нависандагони забардаст, ҳуқуқшиносону омӯзгорону табибони соҳибкасб ба камол расида, ба халқу Ватан баҳри ояндаи неки диёр содиқона хизмат мекунанд.

Ҳар гоҳе маро аз донишгоҳам суол мекунанд, беихтиёр ёди омӯзгорони фидокору сарсупурда ва устодони нуктадону нуктасанҷам меафтам. Зеро аз замоне, ки нахустин қадамҳои хешро ба донишгоҳ ва факултети ҳуқуқшиносӣ гузоштам, пайваста аз тарафи садорати факултет ва устодони соҳибтадбирам дастгирӣ ёфтаам. Маҳз дастгирҳои устодон аст, ки дар таҳсили хеш муваффақ ҳастам.

Барои мо ҷашни омӯзгор фақат бо як ҳафта хатм намешавад. Зеро месазад, ки ин шахсият, яъне омӯзгорро ҳамарӯза васф намуд ва дар васфатон ҳар лаҳза меҳрнома суруд! Меболам аз он ки тоҷикистониям дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил мекунам ва мисли шумо, ки намунаи барҷастаи инсони комил ҳастед канори хеш омӯзгорон дорам.

**ҶАШНАТОН МУБОРАКУ ФАРХУНДА, РАВШАНКУНАНДАГОНИ РОҲИ ДОНИШ!**

**Шукрона МИРЗОЕВА**
**донишҷӯи факултет**

## ЭЙ МУАЛЛИМ, РОҲБАРИ ВОЛОСУХАН

**Эй муаллим, чашмаи меҳру вафо,**
**Эй муаллим, шаҳчароғи раҳнамо.**
**Панди ту бошад ғизои маънавӣ,**
**Меҳри ту андар дили мо гашта ҷо.**
**Карди моро раҳнамун бар роҳи рост,**
**Каҷравӣ, – гуфти ба мо, – кори хатост.**
**Аз ту илми маърифат омӯхтем,**
**Ҳарфи ту барномаи рафтори мост.**
**Чун Падар ғамхор ҳастӣ баҳри ман.**
**Дар дили мо карди ҷо меҳри Ватан.**
**Доимо фархундаву болида бош,**
**Эй муаллим роҳбари волосухан**

## УСТОД – ЧАРОҒИ РӮЗГОР, МАШЪАЛИ ХИРАД, МАХЗАНИ МАЪРИФАТ ВА ОЯНДАСОЗИ МИЛЛАТ

**Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,**
**Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.**

**Рӯдакӣ**

**Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,**
**Шавад тира аз бехирад рӯзгор.**
**Агар дар дилат меҳри устод нест,**
**Ба дасти умеди ту ҷуз бод нест.**

**Ҷомӣ**

**То ин ки тифл хонаду соҳибҳунар шавад,**
**Устоди меҳрубони ӯ хуни ҷигар шавад.**

**Ибни Ямин**

**Наравӣ то ба хизмати устод,**
**Илму ирфон куҷо бигирӣ ёд?**

**Биноӣ**

**Ҳаққи устод аз падар беш аст**
**В-аз падар устод дар пеш аст.**
**Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,**
**Устод аз наҷот баҳра диҳад.**

**Биноӣ**

**Навомӯзро мадҳу таҳсину зеҳ**
**Зи танбеҳу таҳдиди устод беҳ!**

**Саъдӣ**

**Подшоҳе писар ба мактаб дод**
**Лавҳи симин-ш бар канор ниҳод.**
**Бар сари лавҳи ӯ навишта ба зар:**
**«Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар».**

**Саъдӣ**

**Кори беустод бихоҳӣ сохтан,**
**Ҷоҳилона ҷон бихоҳӣ бохтан.**

**Румӣ**

**Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,**
**Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.**
**Ҳеҷ Мавлоно нашуд Мавлои Рум,**
**То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.**

**Румӣ**

**Бувад ҳар кор бе устод душвор,**
**Нахуст устод бояд в-он гаҳе кор.**

**Низомӣ**

**Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,**
**Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест,**

**Кошифӣ**

**Ҳар кӣ бе устод кард оғози кор,**
**Кору бори ӯ надорад эътибор.**
**Домани устод гиру шод шав,**
**Муддате хизмат куну устод шав!**

**Кошифӣ**

## БУЗУРГОН ДАР ВАСФИ УСТОД

Он муаллим хуб аст, ки суханаш бо кирдораш мухолиф нест.

Катон (ваф. 149 пеш аз милод)

Сахтии муаллим аз меҳрубонии падар беҳтар аст.

**Зарбулмасал**

Касе, ки шогирд набуд, муаллим намешавад.

**Боэтий (1230 - 1284)**

Агар дониш дорӣ, бигзор дигарон чароғҳои худро аз он афрӯзанд.

**Томас Фуллер (1608 - 1661)**

Аз онҳое, ки мо меомӯзем, устоди мост, аммо на ҳар касе, ки ба мо таълим медиҳад, сазовори ин ном аст.

**Иоганн Гёте (1749 - 1832)**

Муаллими бад ҳақиқатро таълим медиҳад, муаллими хуб пайдо кардани онро меомӯзонад.

**Адолф Дистервег (1790 - 1866)**

Муаллим шахсест, ки кори душворро осон карда метавонад.

Ралф Эмерсон (1803 - 1882)

Агар муаллим танҳо ба кор муҳаббат дошта бошад, муаллими хуб мешавад. Агар муаллим ба шогирд муҳаббат дошта бошад, аз муаллиме беҳтар хоҳад буд, ки ҳама китобҳоро мутолиа кардааст. Агар муаллим меҳру муҳаббат ба меҳнату шогирдро ба ҳам пайваста бошад, вай муаллими комил аст.

**Лев Толстой (1828 - 1910)**

Муаллим ба абадият дахл мекунад: касе гуфта наметавонад, ки таъсири ӯ дар куҷо тамом мешавад.

**Ҳенри Адамс (1838 - 1918)**

Барои муаллими хуб шудан, шумо бояд он чиро, ки таълим медиҳед ва онҳоеро, ки илм меомӯзонед, дӯст доред.

**Василий Ключевский (1841 - 1911)**

Мо бояд ба он касе, ки фарзандонамонро таълим медиҳад, бовар кунем.

**Вудро Вилсон (1856 - 1924)**

Муаллимони мактабҳо қудрате доранд, ки сарвазирон онро танҳо орзу карда метавонанд.

**Уинстон Черчилл (1874 - 1965)**

Ҳеҷ чиз мисли хатогиҳои муаллимон дар ёдҳои донишҷӯён боқӣ намемонад

**А. Лигов**

## ОМӮЗГОРИ ИДЕАЛӢ

1. Забони давлатӣ ва забони русиро барои дар сатҳи баланд гузаронидани машғулиятҳо медонад ва бо яке аз забонҳои хориҷӣ ҳарф зада, бо ин забон машғулият мегузаронад, маводи таълимию методӣ ва илмӣ таҳия карда метавонад, дорои малакаи кор бо воситаҳои иттилоотии ҳозираамон мебошад;

2. Дар сухану амал як аст, дақиқкор аст, дорои маданият ва маҳорати баланди суханварӣ ва муошират аст, эҳтиёткор аст, сахтгиру хайрандеш, адолатпешаю бомулоҳиза аст.

3. Кӯшиш менамояд, то ҳар як машғулияташ диққатҷалбкунанда бошад ва донишҷӯ бо мазмуну ифодаҳои нав шинос гардида, оид ба фан маълумоти нав гирад.

4. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ба педагогика ва психология вобастаро медонад ва онҳоро моҳирона истифода мебарад.

5. Пайваста маҳорати педагогӣ ва касбиашро эҷодкорона сайқал медиҳад.

6. Фикрронии эҷодӣ дорад, ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо кӯшиш менамояд, гуногунандеширо дар фаҳмиши мақсади ниҳоӣ дастгирӣ намояд.

7. Ба мағрурӣ ва худситоӣ роҳ роҳ намедиҳад, донишҷӯёнро бо талаботи фаннӣ шинос менамояд.

8. Мафҳуми “қасос аз донишҷӯ”-ро дар ягон лаҳзаи ҳаёт ба замираш ҷой намедиҳад.

9. Фикру ақидаи шахсиашро ба тарзи “сунъӣ” ба донишҷӯ бор намекунад, ҷаҳони пурасрори донишҷӯро ҳурмат менамояд, ӯро маҷбур намесозад, ки “асрори ниҳониаш”-ро ба ӯ фаҳмонад.

10. Дар симои донишҷӯ ҳамақида ва ҳамфикри худро мебинад.

11. Дарк менамояд, ки таърих барои ҳар як марҳила ба шахс имконияти нав медиҳад ва устод бо дарки ин мавзуъ бояд донишҷӯро ба роҳи нек, худомӯзӣ, баланд бардоштани савияи дониш ҳидоят карда тавонад.




12. Дар ҷараёни таълиму тарбия шакл ва усулҳои навини таълиму тарбияро дар заминаи ҷустуҷӯи эҷодӣ таҳия ва татбиқ менамояд.

13. Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо фазои якдигарфаҳмӣ ва эҷодиро фароҳам оварда, кӯшиш менамояд, ки ҳар як донишҷӯ ба қадри маърифату дониш расад ва худро шиносад.

14. Ба донишҷӯ танҳо дар асоси малака ва дониши ӯ баҳо мегузорад.

15. Фанеро, ки ба донишҷӯён меомӯзад “фанни аз ҳама асосӣ маънидод наменамояд, донишҷӯёнро барои омӯхтани ҳама фанҳо ҳидоят менамояд”.

**Иқтибос: Шоҳиён Н.Н., Тоирзода С.Т., Алимов Н.О. Бозиҳои расмии касбӣ ва фаъолгардонии ҷараёни таълим дар фазои инноватсионии таҳсилот. Душанбе, 2022. - С.79-80.**

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

**“Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тавонист худро бо ғояҳои созандаву бунёдкорона ва ватандӯстонаву ватанпарварона ба мардум ба таври шоиста муаррифӣ намояд”.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Бузургтарин давстоварди миллати кӯҳанбунёд ва тамаддунофовари тоҷик дар қарни XX-ум ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ маҳсуб меёбад. Истиқлоли давлатӣ, ки ормони ҳазорсолаи тоҷикон буд, дар умум калиди асосии амалӣ гардидани ҳадафҳои муҳимми миллӣ гардид. Дар заминаи истиқлолият ба миллати тоҷик муяссар гардид, ки бо истифода аз таҷрибаи ғании ниёгони хеш ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ташкили шаклу низоми мутамаддини давлатдорӣ даст ёфта, дар ин роҳ, ба муваффақиятҳои зиёд ноил гардад.

Бо ба даст овардани Истиқлолияти комили сиёсӣ Тоҷикистон ба бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳусни оғоз бахшида, дар кишвар як қатор ниҳодҳои нав таъсис дода шуд. Яке аз ниҳодҳои ҷомаи демократӣ ҳизбҳои сиёсӣ ва ташаккули сохтори бисёрҳизбӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи аксар кишварҳои мутамаддин бори дигар собит месозад, ки яке аз механизмҳои асосии рушди давлат ва зиндагии шоистаи шаҳравандони он аз фаъолияти самараноки ҳизбҳои сиёсии мавқеи махсусдошта миёни мардум бастагӣ дорад.

**Дар баробари дигар ҳизбҳои сиёсӣ, 10-уми декабри соли 1994 Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таъсис ёфт. Меъмори ҳизби мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, барномаи он фарогири манфиатҳои миллӣ аст.**

Аз давраи роҳи бисёрҳизбиро пеш гирифтани Тоҷикистон фаъолияти ҲХДТ бо сарварии Пешвои миллат дар асоси Барнома ва Оинноимаи мушаххас ва фарогир аз манфиатҳои миллию давлатӣ ба таври самаранок созмон дода шуд. То имрӯз фаъолияти ҲХДТ собит месозад, ки мақоми он дар роҳи амалӣ гардидани сиёсати давлатӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ хеле назаррас ва барҷаста аст.

Воқеан, дар сохтори бисёрҳизбӣ ҳамон ҳизбе ҷойгоҳи муносиб ва устуворро соҳиб мегардад, ки бо барномаи хеш бартарӣ дошта бошд. Ин бартарии барнома пеш аз ҳама аз сатҳи инъикоси манфиатҳои ҷомеа ва усули амалӣ гардидани онҳо вобастагии зиёд дорад.

Таҳлили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад, ки ҲХДТ ва роҳбари он аз рӯзи бунёд то имрӯз ба номи худ содиқ буда, ҳамеша бо халқ мебошанд. Бо сарварии Пешвои миллат ҲХДТ ба ҳизби адолатпарвар, бунёдкор ва ваҳдатофар табдил ёфта, шумораи аъзоёни он аз ҳисоби нафарони донишманду ватандӯст ва бомасъулият зиёд гардида истодааст.

Бояд қайд кард, ки ҳифзи дастовардҳои миллӣ ва нигаҳдошту таҳкими Истиқлолияти давлатӣ асоси фаъолияти ҲХДТ-ро ташкил медиҳад. Имрӯз зери сиёсати хирадмандонаи Сарвари ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти сохторҳои ҳизбӣ – ташкилоту кумитаҳои ибтидоӣ, кумитаҳои иҷроияи ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ ба таври самаранок роҳандозӣ шудааст.

**Шиори барномаи ҳизбро «Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум» ташкил медиҳад, ки барҳақ амалан тасдиқи худро ёфта истодааст.**




## ҲХДТ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Яке аз пояҳои таҳкими Истиқлоли давлатӣ ваҳдати миллӣ аст, ки дар маркази Барномаи ҲХДТ қарор дорад. Барномаи ҲХДТ сарчашма ва асоси тамоми муваффақиятҳоро аз ваҳдати миллӣ дониста, ҷомеаро ба ягонагӣ, сулҳу субот ва якдилӣ баҳри рушди устувори кишвар даъват менамояд. Бо мақсади дар амал татбиқ намудани ин ҳадафи барномавӣ Кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳия ва ташкилоту кумитаҳои ибтидоӣ дар байни қишрҳои мухталифи минтақаҳои кишвар ҳамеша соатҳои сиёсӣ баргузор намуда, мардумро ба ягонагӣ ва меҳнати софдилона баҳри рушду инкишофи давлат даъват менамоянд.

Фаъолияти самараноки кормандони ҳизб аст, ки рӯз то рӯз шумораи сохторҳои ҳизбӣ дар заминаи муассисаву корхонаҳо афзоиш дорад. Ҳамчунин, бо мақсади боз ҳам ҷоннок намудани фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ дар доираи дастуру супоришҳои Сарвари ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар биноҳои хуштарҳу замонавӣ барои Кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ сохта, ба истифода дода шуда истодааст.

Имрӯз бо мақсади таблиғу ташвиқи барномаи ҳизб, ки саршор аз ғояҳои ватандӯстиву меҳансолорӣ аст, дар назди кумитаҳои иҷроия шуъбаҳои иттилоот ва таблиғот фаъолият доранд. Дар ҳамбастагӣ ба шуъбаи иттилоот ва тарғиботи Кумитаи Марказии ҲХДТ дар шаҳру навоҳии мухталифи кишвар нишасту соатҳои сиёсӣ баргузор карда мешавад, ки дар баланд гардидани сатҳи шуури сиёсӣ ва хештаншиносии қишрҳои мухталифи аҳолӣ мусоидат менамояд.

## КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ИБТИДОИИ “ДОНИШ”

Дар давоми тақвияти гуфтаҳои боло, метавон фаъолияти Кумитаи иҷроияи ибтидоии “Дониш”-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро мисол овард, ки дар доираи Оиннома ва Барномаи ҲХДТ фаъолияти хешро ба роҳ монда, дар амали гардидани ҳадафҳои барномавии ҳизб саҳми муносиби худро гузошта истодааст. Бояд қайд кард, ки ҳайати қариб дуҳазорнафараи аъзои КИИ “Дониш”, ки аксаран олимону донишмандон мебошанд дар тарғибу ташвиқи ҳадафҳои созандаи ҲХДТ ва амалӣ гардидани Барномаи он мақоми назаррас дорад.

## ҲХДТ ВА ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Дигар аз ҳадафҳои муҳимми ҲХДТ, ки таҳкими Истиқлоли далватӣ аз он вобастагии зиёд дорад, нигаҳдошти сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ аст. Имрӯз аъзои фаъоли ҲХДТ дар доираи нақша чорабиниҳои кумитаву ташкилотҳои ҳизбӣ ҳамеша доир ба аҳаммияти сулҳу субот ва оромӣ дар кишвар бо мардум вохӯриҳои судманд гузаронида, дар таҳкими суботи сиёсӣ нақши хешро гузошта истодаанд. Албатта пешрафти ҷомеа аз суботи сиёсӣ вобастагии зиёд дорад. Таҷрибаи кишварҳои ба моҷароҳои сиёсӣ гирифторшуда бори дигар моро ҳушдор месозад, ки ҷиҳати ҳифзи Истиқлоли давлатӣ ва амали гардидани ҳадафҳои миллӣ боз ҳам талош намоему, дар баланд гардидани сатҳи ҳуввияти миллӣ ва худшиносии насли наврасу ҷавони кишвар саҳмгузор бошем. Вазъи минтақа ва ҷаҳон, ки пур аз таззоду бархӯрди манфиатҳои стратегӣ ва геосиёсӣ аст, бори дигар аз муҳимияти суботу оромӣ ва гиромидошти Истиқлолият хабар медиҳад.

## ҲХДТ ВА РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

Созандагиву ободонӣ ва рушди устувори иқтисодӣ дар кишвар ҳадафи муҳими ҲХДТ маҳсуб ёфта, дар ин самт фаъолияти кумитаву ташкилотҳои ҳизбӣ ба таври назаррас роҳандозӣ гардидааст. Имрӯзҳо бо мақсади амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар, ки омили устувории Истиқлоли давлатӣ маҳсуб меёбад, аз ҷониби Ҳизби Халқи Демократии Тоҷикистон ташаббусҳои бисёр саривақтӣ амалӣ шуда истодааст. Озодиҳои иқтисодӣ, аз қабили имкони мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликият ва рақобати озоди онҳо, рушди иқтисоди бозорӣ ва соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурду миёна ва дигар тадбирҳое, ки дахолати давлатро ба ҳаёти рӯзмарраи шаҳрвандон, ба фаъолияти иқтисодии онҳо хеле коҳиш дода, заминаро барои рушди босубот фароҳам меоваранд. Мақсади ниҳоии мо бунёди ҷомеаи шаҳрвандиест, ки дар асоси худидоракунӣ ва иқдомҳои инфиродии шаҳрвандон пеш хоҳад рафт.

Ин ҳама ҳадафу мақсадҳои мушаххас, ки дар умқи ҷомеаи Тоҷикистон реша гирифта, хостаҳои дили аксари мардуми кишварро ифода мекунанд, дар барномаи ҳизб ҷой гирифта, миёни аксари шаҳрвандон ҷонибдории дилгармона пайдо намуданд. Мақсаду маром ва ҳадафҳое, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пеши худ қарор дода барои амалӣ гардонидани онҳо талош мекунад, бо дар назар доштани манфиатҳои кулли ҷомеаи кишвар, ҳамаи қишрҳои гуногунранги мардум ба миён омадаанд. Онҳо нуқтаи эътидол ва муросову мадороанд, ки ваҳдату ягонагиро дар ҷомеа таъмин гардонида, кишварро ба сӯйи пешрафт ва рифоҳу хушбахтӣ равона месозанд.



**Муҳаммад РАҲМОНЗОДА**
**мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, н.и.ҳ.**

# ЗАБОН ВА УСЛУБИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

**Забони модарии мо, ки мақоми забони давлатиро касб карда аст, дар даврахои гуногуни таърихӣ василаи асосии баёни андешаву инъикосгари хираду рӯзгори гузаштагони мо буд ва дар раванди бунёди давлати миллӣ ҳамчун омили муҳимми давлатдорӣ нақши созандаву сарнавиштсозе дорад.**



Зарина НАЗАРОВА
мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ, дотсент

Баъди Истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон, забони модарии мо чун забони давлатӣ дар ҷомеа мавқеи бунёдӣ пайдо намуд. Ҳоло бо шарофати Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки 5 октябри соли 2009 қабул шудааст, забони миллии мо бо пуштибонии ҳуқуқии давлату ҷомеа аз ҳама сарчашмаҳои имконпазир дар рушду такомили хеш ба хотири иҷрои вазифаву масъулиятҳои забони давлатӣ бархӯрдор аст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи поку беолоиш нигаҳ доштани забони тоҷикӣ ва бо забони ноби тоҷикӣ ҳарф зада тавонистани ҳар як сокини кишвар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум ёфтаанд.

Забони қонун (забони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) маҷмуи воситаҳои лексикӣ, синтаксисӣ ва услубӣ мебошад, ки тавассути онҳо матни қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ таълиф мегардад.

Забони қонун бо забони адабии тоҷикӣ ва услуби расмии коргузорӣ таълиф ва интишор гардида, талаботи ба худ хос дорад.

**Дар моддаи 49 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 майи соли 2017, тахти №1414 тасдиқ шудааст, роҷеъ ба талаботи забонӣ ба матни санади меъёрии ҳуқуқӣ омадааст:**

1. Матни санади меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ қабул карда мешавад.

2. Матни санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо риояи услуби расмии забони адабӣ, сода ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно менамояд.

**Сабку услуби санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ талаботи ба худ хос дорад. Аз ҷумла:**

**1) Истифодаи ҷумлаҳои бешахс дар матнҳои санади меъёриву ҳуқуқӣ;**

**2) Мухтасар ва мантиқан дуруст баён намудани матлаб;**

**3) Возеҳият;**

**Матни санади меъёрӣ бояд бо забони фаҳмо, дастрас ва боварибахш навишта шавад. Меъёрҳои ҳуқуқ, ки дар матни санади меъёрӣ оварда шудаанд, бояд на танҳо барои мутахассисони соҳа, балки барои ҳамаи шаҳрвандон низ фаҳмо бошанд.**

**4) Такмил ва татбиқи якхелаи категорияҳои забонӣ.**

Мавриди зикр аст, ки дар баъзе холатхо дар қонунгузории амалкунанда вожаҳо бо забони тоҷикӣ номуайян, гуногунмаъно ва тарзе истифода шудаанд, ки мазмуни меъёрии онро коста менамоянд.

Ин талабот бояд аз ҷониби муаллифи лоиҳаи санади меъёрӣ дар ҷараёни таҳияи ҳуҷҷат, аз аввали матн то охири он риоя карда шавад. Матни ҳар як санади меъёрӣ бояд возеҳ, бе муҳокимаронӣ, бе мубоҳисаҳои илмӣ ва бе хусусиятҳои эҳсосотӣ таҳия гардад.

Илова бар ин, ҳангоми таҳияи матни санади меъёрии ҳуқуқӣ, бояд аз истифодаи ҷумлаҳои мураккабе, ки аз бисёр ҷузъҳои таркибӣ иборатанд, худдорӣ намуд, ки ин танҳо ба душворфаҳмии матни меъёрӣ оварда мерасонад ва дар хондан ва дарки он мушкилот пеш меояд.

Масалан, дар матни моддаи 238 Кодекси меҳнати ҶТ (моддаи 238. Таъмини сиҳатии корманд ва бехатарии шароити меҳнат) омадааст:

Ба кормандони ташкилот вобаста ба шароити меҳнат аз ҳисоби маблағҳои корфармо либос ва пойафзоли махсус, дигар воситаҳои муҳофизати инфиродӣ, моддаҳои шустушӯй ва тамиз, шир, хӯроки табобатию пешгирикунанда дода мешавад, ки аз меъёри муқарраргардидаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон кам буда наметавонад (Кодекси меҳнати ҶТ, моддаи 238).

Дар тарҷумаи матни мазкур ба забони русӣ ибораи "моддаҳои шустушӯй ва тамиз" ҳамчун "моющие и дезинфицирующие материалы" (Трудовой Кодекс РТ, статья 238. Обеспечение здоровья работника и безопасных условий труда, стр.401) омадааст, ки дар тарҷумаҳои матни мазкур (матни забони тоҷикӣ ва русӣ) номутобиқатии лексикӣ ва грамматикӣ ба миён омадааст:

Қобили қабул мебуд, агар ба маънои "дезинфицирующие" калимаи ноби тоҷикии "безараргардонӣ" (на калимаи мушкилфаҳми арабии "тамиз"), ба ҷои "материалы" - "средства", ба ҷои "моддаҳо" вожаи ҳаммаънои он "мавод" истифода карда мешуд. Яъне "моющие и дезинфицирующие материалы"-ро "моющие и дезинфицирующие средства", "моддаҳои шустушӯй ва тамиз"-ро "маводи шустушӯй ва безараргардонӣ" тарҷума мекарданд.

**Тибқи моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи чунин калимаву ибораҳо норавост:**

**- забони гуфтугӯии халқӣ (лаҳҷавӣ ва шевагӣ), ифодаҳои маҷозӣ ва пурубаранг;**

**- мафҳумҳои (истилоҳоти) гуногуни ҳаммаъно;**

**- истифодаи калима ва истилоҳоти бегонаи ғайримаъмул дар сурати дар забони давлатӣ мавҷуд будани чунин калима ва истилоҳот;**

**- ибора ва таркибҳои норавшан, мулоҳизот, хитобу даъватҳои умумӣ;**

**- калимаҳои мураккаби ихтисоршуда (аббревиатура);**

**- истилоҳоти ғайримеъёрӣ.**

Забон ва услуби қонун унсурҳои техникаи қонунгузорӣ буда, ҳадафи асосии онҳо таъмин намудани дарки дурусти талаботҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Вайрон шудани мантиқи матни қонун, носаҳеҳии мафҳумҳо ва номуайянии истилоҳоти истифодашаванда баҳсҳои зиёдро ба вуҷуд оварда, сабабгори ворид намудани тағйироту иловаҳо, тафсиру тавзеҳҳои гуногун мешаванд. Ҳамзамон, он боиси заминагузорӣ барои расмиятпарастӣ (бюрократӣ) ва сарф шудани вақт гардида, дар натиҷа имкони нодурусти дарки он хоҳад шуд.

Имрӯз вазифаи ҷонии ҳар яки мо – ворисони забони бостонии тоҷикӣ ин аст, ки ба чунин сарвати бебаҳо сазовор арҷ гузорем, онро пажӯҳиш кунему мавриди корбаст қарор диҳем ва эҳтирому эътибори забони милливу давлатиамонро боз ҳам фузунтар ба мақому мавқеи иҷтимоии онро дар доҳилу хориҷи кишвар аз ин ҳам бештар устувор созем, барои софу беолоиш нигоҳ доштани забони тоза ва гуворои тоҷикӣ, забони давлатиамон саҳмгузор бошем.

---

# ХУДШИНОСӢ – ПОЯИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



Фаррух АЗАМҚУЛОВ
асиссенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ

Худшиносии миллӣ ин худогоҳиҳо, баҳогузориҳо ва муносибатҳое мебошад, ки аҳаммияти бузурги таърихӣ доштани миллатро инъикос карда, мақоми миллатро дар байни дигар қавму миллатҳо нишон медиҳад.

Таърихи миллати тоҷик ҳамеша ҳамчун сарманшаи хувиятсози миллат хизмат кардааст ва ҳар як фарди миллати моро ба нангу номуси миллӣ доштан, ифтихор аз арзишҳои гаронбаҳои миллӣ намуданро меомӯзонад. Осори безаволи абармардони миллати мо аз Рӯдакӣ, Фирдавсию Сино, Хайёму Саъдӣ, Мавлавӣ, Ҳофиз, Низомӣ, Бедил, Айнӣ, Иқбол худшиносии миллати тоҷикро дар худ инъикос кардаанд. Ҳамаи ин бузургон ва бисёр дигар нобиғаҳои миллати мо – моро дар чаҳорчӯбаи асили одамият, инсонмеҳварӣ дар асоси арзишҳои бузурги инсондӯстӣ, ки хоси миллати тоҷик аст, тарбият кардаанд.

Марҳилаи сифатан нави андешаи худшиносии миллӣ дар тафаккури ҳар як шаҳрванди имрӯзаи мамлакат баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба вуҷуд омад. Зеро воқеан ҳам истиқлолият барои мо – тоҷикон рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои хеш зикр намудаанд, ки: «Мо дар оғози даврони соҳибистиқлолӣ бо такя ба ҳастии таърихӣ, ақлу хирад ва иродаи қавии халқи худ тавонистем, ки оташи ҷанги дохилии таҳмилиро фурӯ нишонда, парчами озодиву адолатро ба хотири ҳифзи асолату арзишҳои миллӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмии халқамон устувор гардонем. Яъне таърих баъд аз чанд садсола бори дигар ба миллати соҳибтамаддуни мо имконияти эҳё намудани суннатҳои аҷдодии давлатдориро фароҳам овард ва дар харитаи сиёсии ҷаҳон номи давлати мустақилу соҳибихтиёри тоҷиконро сабт намуд».

Воқеан, агар мо аз дидгоҳи имрӯз ба рӯйдоду ҳодисоти 31 соли сипаришуда назар афканем, мебинем, ки корнома ва азму талоши ободгаронаи миллати тоҷик то кадом андоза бузург аст, ки ин аз худшиносии ҳар як фарди бонангу номуси мамлакат шаҳодат медиҳад. Дар ин давра, ҳар як фарди соҳибмаърифату ватандӯсти кишвар ҷиҳати бунёд намудани давлати пояндаву ободи қарзи фарзандии худро сарбаландона иҷро кардааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ба монанди ҷашнгирии санаҳои солгарди Истиқлолияти давлатӣ, ҳамзамон таҷлили ҷашнҳои милливу давлатӣ ва эҳёи суннати анъанаҳои мардумӣ имконият медиҳанд, ки насли имрӯза бо асли худ ифтихор намоянд ва бо неруи дучанд ба фардои неку босаодат қадамҳои устувор гузоранд.

Мутаассифона дар замони имрӯза, падидаҳое ба мисли экстремизму терроризм ҷомеаро фаро гирифтаанд, ки метавонанд ба мавҷудияти истиқлолу озодӣ, суботу оромии кишвар халал ворид созанд. Бинобар ин, муқовимат бо ин падидаҳои манфии ҷамъиятӣ вазифаи асосии мақомотҳои давлатӣ ва кулли шаҳрвандони мамлакат аст. Маҳз ба ин васила, мо метавонем, сулҳу амнияти кишварро таъмин намуда, мақому мартабаи кишварамонро дар арсаи байналмилалӣ баланд гардонем, ки ин таъсир ба зиёд гардидани хувияти миллӣ мегардад.

**Барои баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ амалҳои мазкур метавонанд саҳмгузор бошанд:**

**1) беҳдошти сифати таълиму тарбия;**

**2) такмили донишҳои шаҳрвандон, аз ҷумла, ҷавонон аз нигоҳи мафкуравӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва динӣ;**

**3) баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд;**

**4) тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи ватандӯстӣ.**

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки надонистани сарнавишти таърихии миллати худ, фориғболию бехабарӣ ва носипосӣ нисбати мероси маънавӣ-фарҳангии он, дар интиҳо шахсро ба инкори ҳақиқати воқеӣ, тамаддуни миллӣ, бегонапарастию кадр накардани қимати дастовардҳои истиқлолияти миллӣ оварда мерасонад.

# НОМИ НЕК АЗ ҲОСИЛИ ДУНЁ
## (ба ёди устоди бузургвор Фозил Тоҳиров)



Дар гуфтори маъмулии тоҷикӣ одат шуда, ки ҳангоми баёни ҳасрату надомат ҳамеша ба гузашта муроҷиат мекунанд ва мегӯянд: “агар фалонӣ зинда мебуд” ва ё “агар корҳо дигаргуна сурат мегирифт” ва ғайра. Яъне инсоният ҳамеша як пояи андешаи хешро ба гузашта ва пояи дигарашро ба ҳозира ё ҳаёти воқеии кунунӣ устувор нигаҳ медорад. Барои ҳамин ҳам мегӯянд: бе гузашта имрӯз нест ва аз пешинаҳо сабақ гирифтан маънои ояндаи хуб сохтанро дорад...

Чанде пеш зимни баррасии кадом масъалае аз боби вазъи ҳуқуқии кишвар дар маҳфиле аз номи нек ва солҳои сари мизи корӣ будани Фозил Тоҳиров, устоди бағоят донишвар ва инсони соҳибназар, муҳаққиқ ва олими тавонову шахсияти накугавҳар ёд шуд. Ва ҳамон ибораи ҳама ҷо вирди забоншудаи “агар он кас мебуданд...” борҳо таъкид шуд. Ман, ки ҳамчун шогирди бевоситаи устод он касро бештар мешинохтам ва аз файзи суҳбату раҳнамоиҳояшон баҳраҳо мебурдам, бо шунидани номашон дар он маҳфил ҳам хушнуд ва ҳам андаке озурдадил шудам...

Чӣ мешуд, ки устоди азиз камобеш даҳ соли дигар умр медид ва ба остонаи умри Саъдии бузургвор мерасид, чӣ мебуд, агар мо, шогирдонаш, андаке бештар аз доираи имконамон бо он кас дидор мекардем ва лутфу меҳрубониҳоро бештар нисораш мекардем, то риштаи умрашон тулонитар мешуд... Ин навъе аз ҳолати равонист, ки дар муносибат ба шахсиятҳои маҳбуб дар вуҷуди кас пайдо мешавад.

Аммо эҳсоси хушнудиам аз он буд, ки ҳар касе аз ӯ ёд мекард, ба муҳаббат ва самимият ёд мекард, инро аз оҳанги гуфтори одам фаҳмидан мумкин аст. Инсони наку ва маъруфро ҳамон гуна ёд мекунанд, ки қалби одам рӯшан мешавад, нуру сафо мегирад, баробари номаш чеҳраву ҳаракоташ, бахусус чашмонаш дар оинаи хотира ҷилва мекунанд. Беҳуда намегӯянд, ки “чашми инсон ифодаи хирад ва нияти ӯст”...

Ман боре надида будам, ки устод Фозил Тоҳиров ба касе бо чашми хашмину тезутунд назар афканда бошад, умуман ҳоло чунин меандешам, ки сиришти ӯро аз хоку гили муҳаббат ва накуӣ гӯё сохта буданд... Албатта, ҳама одамизод зотан парвардаи хоку гил аст, аммо гоҳо мебинед, ки чун дар зиндагии воқеӣ хок ҳам гуна-гуна мешавад – хоки зархез ва гоҳо хоки беҳосилу бефайз... Мисле ки одамон ва ҳам олимон низ бархе танҳо барои қадру манзалати хеш ва қисмате барои ҷамъи миллат сарсупурдагӣ мекунанд...

**Устоди зиндаёд Фозил Тоҳиров ба гурӯҳи дувуми уламои ҳақшинос ва муҳаққиқони илми адолату хештаншиносӣ тааллуқ доштанд ва доранд. Беҳуда баъди вожаи “ҳақ” мафҳуми адолатро наовардаем, чун асосу дарунмоя ва тору пуди ҳуқуқ, ки муносиботи иҷтимоиро танзим мекунад, адл аст. Аз қадим чунин буд ва то кунун ин тасаввур решаи илмӣ дорад.**

...Ёдам меояд, ки ҳар гаҳ сухан аз ин ё он беработиҳо дар мавриди татбиқи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ё таърихи ҳуқуқ дар Тоҷикистони таърихӣ (Мовароуннаҳру Хуросон ва ё Бухорои асри 19) мерафт, устод ҳамоно аз адолат ҳамчун унсури асосии муомилаҳо ҳам дар арсаи иҷтимоъ ва ҳам дар сатҳи инсонҳо бо ҳарорат такаллум мекарданд. Аз бузургони қадим мисолҳо меоварданд. Масалан, мегуфтанд, ки дар аҳди Афлотун расму ойини додани унвонҳо агар мебуд, меарзид ба ин нобиғаи андеша унвони бунёдгузор ё сардафтари илми ҳуқуқ дода шавад. Зеро консепсияи ӯ беҳтарин фаҳму дарки ҳуқуқро ба зеҳну хотираҳо мерасонад ва сарчашмаи фикрии таълимоти ҳама бузургони ин илм дар олам шудааст.

Аз назари Афлотун, адолати иҷтимоӣ дар сурате ҳосил мешавад, ки ҳар кас ба коре даст занад, ки шоистаи он кор бошад ва аз мудохила ба фаъолиятҳои дигарон дурӣ ҷӯяд. Агар тоҷире ба ҷанговарӣ бипардозад, ё ҷанговаре ҳукуматро ба даст гирад, назме, ки зарурати бақову саодати ҷомеаро таъмин менамояд, аз миён меравад, он гоҳ зулм ҷойнишини адл мешавад.

Он кас дар таҳлили мафҳумҳои бунёдии ҳуқуқ истеъдоди нодири мушаххас кардани нукоти асосиро доштанд ва ҳамеша ба мо шогирдонашон, таъкид мекарданд, ки аз ҳама гуна таърифоту таълимот мағзро аз пӯст ҷудо карда тавонем, вагарна ҳар чизе, ки бинависем, такрори дигарон ва умумигуфторӣ хоҳад шуд. Масалан, аз ҳама таърифҳои адолат беҳтаринаш ҳамин аст: «адолат додани ҳақ ба ҳақдор аст». Аз мутафаккири румӣ Ситсерон ёд мекарданд ва мағзи андешаи ӯро бисёр одиву муайян ба мо мерасониданд – “адолат дар ҳолате аз ҳақ бармеояд, ки ба манфиатҳои ҷомеа зарбае ворид насозад”.

Аз мутафаккирони баъдӣ Келзенро хотиррасон мекарданд ва нисбат ба таърифи ӯ назари хосса доштанд: «Адолат, аз назари мо, ба маънои қонуният аст. Ин таъйини маънои адолат ҳамоҳанг бо тамоюле ҳаст, ки меҳоҳад масъалаи адолатро аз қаламрави муҳокимаҳои зеҳнӣ ва арзишӣ хориҷ кунад ва онро дар заминаи устувори як назми иҷтимоии муайян пойдор намояд. Ин адолати ҳифзи назми бадастовардашуда василаи истифода ва иҷрои он аз рӯйи виҷдон мебошад ва онро метавон партави қонун донист. Адолати қаблан зикршуда бо ҳар низоми бадастомада фарогир аз сармоядорӣ, иҷтимоӣ, демократӣ ва ё мустабидона бошад, созгор аст ва ҳатто ба он лозим мебошад».

Ин гуна баррасиҳои олимонаи устод Тоҳиров якумрӣ ба мо таъсири гуворо расонидааст. Аҷиб аст, ки баробар ба ёди симои нуронии устод ҳамеша ин ё он сухани волояшон низ ба хотир мерасад. Ва сабаби ин ҳолатро равоншиносӣ дар самимият ё самимиву сидқӣ будани шахсият маънидод кардааст. Он кас ба дараҷае ба шогирдон ва умуман – аҳли тадрису таҳқиқ ва завқмандони илми ҳуқуқ некхоҳ буданд, ки ҳамаро мисли худашон донишманд ва дар сатҳи худашон муҳаққиқ дидан мехостанд. Ин фазилати олимӣ ва инсонии одамонест, ки худашонро андаруни ҷомеа ва ҷомеаро як ҳиссаи худашон мепиндоранд. Кӯтоҳи сухан – сатҳи бисёр баланди одамият...

Як хислати ҳамидаи инсонии устод Фозил Тоҳиров ҳамин буд, ки ҳамеша аз устодон ва ҳамкоронашон дар факултет ва сохторҳои дигари ҳуқуқӣ ҳамеша ба некӣ ёд мекарданд. Қисмати аъзами умри шарифи устод дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллӣ гузаштааст ва он кас ҳар нафари дар ин таълимгоҳ фаъолияткардаро дар хотир медоштанд ва дар мавридҳои лозим исми некашонро ба забон меоварданд. Симоҳо ва шахсиятҳои барҷаста, мисли В.Г. Грангберг, Л.С. Явич, Е.Н. Стрелникова, Х.Қ. Андрусенко, Ҷ.Р. Ҷалилов, С.А. Раҷабов, Э.С. Севликянс, В.А. Ойгензихт, Е.М. Яковлева, В.И. Корецкий, Н.Ф. Кузнетсова, Г.Л. Осокина, Ю.П. Касаткин, Р.Н. Ҳамроқулов, Ш.Р. Розиков, Л.М. Франк, О.У. Усмонов, Р.С. Гимпелевич, Л.З. Зимина, С.Ш. Шарофов ва дигаронро, ки дар марҳилаҳои гуногуни рушду таҳаввули илми ҳуқуқ заҳмати зиёде кашидаанд, бо як ҷаҳон эҳтиром ба ёд меоварданд. Таъкид мекарданд, ки маҳз натиҷаи фаъолияти ибратомӯзи онҳо буд, ки ҳам факултети ҳуқуқ ва ҳам илми ҳуқуқи ватанӣ ҳамчун маркази тавонои илм



ва низоми ҳуқуқии рушдкарда эътироф шудааст.

**Устод ба омӯзгорону муҳаққиқони тақрибан ҳамсолашон (ё бештар ва ё камтар), аз қабили М.А. Маҳмудзода, Ш.М. Менглиев, А.И. Имомов, Н.А. Абдуллоев, Ш.Т. Тағойназаров, Н.Ш. Шонасриддинов ва дигарон бо ҳисси ифтихор муносибат мекарданд ва дар ҳар мавриди мувофиқ новобаста аз мақому ҷойгоҳи илмиашон маслиҳату машваратро раво медонистанд.**

Устод дар ҳарду ҷабҳа – ҳам омода намудани мутахассисон барои сохторҳои кишвар ва ҳам рушди танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар мамлакат бевосита саҳм мегирифтанд. Махсусан дар таҳия ва коркарди лоиҳаи қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ, асоснокгардонии илмиву назариявии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бевосита иштирок мекарданд.

Он кас як ҷумлаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро чун шиор пазируфта буданд ва ҳамеша такрор мекарданд, ки чунин буд: «Пешрафти ҷомеа фақат бо роҳи танзими қонунӣ ва одилонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ имконпазир аст». Ин ҷумла як олам маъно дорад ва моҳияти давлатдории моро ифода мекунад, яъне бидуни танзими қонунӣ ва одилонаи муносибатҳои иҷтимоӣ давлати ҳуқуқбунёд асолат надорад ва буда ҳам наметавонад.

Ҷониби дигари фаъолияти серсоҳаи устод – мусоидати комил дар ташаккули маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва бад-ин восита саҳмгузорӣ дар раванди худшиносии миллӣ буд. Беихтиёр панди нависандаи машҳури рус Лев Николаевич Толстой ба ёд меояд, ки ба худшиносӣ дахл дорад: «Бузургтарин дониш худшиносист. Касе, ки худро мешиносад, офаридгорро низ мешиносад». Дарвоқеъ, инсон то ҳаққи худро нашиносад ва надонаду дарк накунад, ба пояи худшиносӣ ба маънои томаш расида наметаво-



над. Аз ин лиҳоз, донистани ҳуқуқ ва дарки ҳамаҷонибаи он аз ҷониби ҳар фард, риояи ҳуқуқ ва вазифаву ӯҳдадориҳо ва эътирофи ҳуқуқи дигарон тақозои илми ҳуқуқшиносист.

Аз назари устод Тоҳиров, махсусияти илми ҳуқуқ ҳамин аст, ки бевосита бо ҷаҳонбинии инсон ва маънавиёту ахлоқи ӯ таъсир мегузорад. Ҳамин ҷиҳат аст, ки илми ҳуқуқ дар таърихи ҷомеаи башарӣ дар лаҳзаҳои сарнавиштсози он ба ҳайси қутбнамои пешрафти ҷомеа хидмати арзанда ба ҷо овардааст.

Масалан, дар асрҳои XIV-XV, ки Аврупои Ғарбӣ марҳилаи хеле ҳассоси гузариш аз сохти барҷомондаи феодалӣ ба сармоядориро аз сар мегузаронд, дар ҳама макотиби олии Аврупо илми ҳуқуқро дар нақшаҳои таълимӣ дар чаҳорчӯбаи илми чаҳоргона дар мавриди аввал мегузоштанд ва дониши ҳуқуқиро аз ҳама муқаддамтар медонистанд. Бузургтарин донишмандони Аврупо – Монтескё, Руссо, Локк, Голбах, Волтер ва садҳо дигарон аз дониши амиқи ҳуқуқӣ бархӯрдор буданд ва тавассути ҳамин илм, ки пояи ҷаҳонбинии онҳоро ташкил медод, тавонистанд, ки дар инкишофи дурусти ҷомеаи башарӣ саҳм бигиранд.

Ин гуна мисолҳоро аз халқҳои Шарқ низ зиёд овардан мумкин аст. Ҳанӯз дар давраи Ҳахоманишиҳо аз ҷониби Куруши Кабир бори нахуст Эъломияи ҳуқуқи башар тартиб дода шуд, ки мазмуну муҳтавои он баъдан вориди ҳама сарқонунҳои ҷаҳонӣ гашт. Ҳамчунин дар қадимтарин ёдгории адабиву таърихӣ ва ҳуқуқии ниёгонамон – «Авасто» чунин ҷумлаи арзишманде ба ҳукми меъёр сабт шудааст: «Мо бояд иродаи озод дошта, бинои некбахтии хешро бо дасти худ созем ва масъули сарнавишти хеш бошем».

Яъне иродаи озод танҳо ва танҳо метавонад махсули худшиносии амиқи инсон дар пояи ҳақшиносӣ бошад, вагарна инсон озод буда наметавонад. Ақидаи мазкурро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле равшан шарҳ додаанд: «Фақат касоне аз ҳуқуқи худ пуштибонӣ карда метавонанд, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро дар назди қонун медонанд. Надонистани қонунҳо боиси аз масъулият озод гардидани шаҳрвандон шуда наметавонад». Ҳамин тавр, агар ҳуқуқ ҷамъи ҳаққҳо бошад, пас, шинохти на фақат ҳаққи худ, балки ҳаққи дигарон низ муҳтавои ин илмро таркиб мебахшад.

Устоди мо замони бархаёт будан ҳама унвону дараҷаҳои илмиву иҷтимоиро соҳиб шуда буданд, аммо аз инҳо ифтихори камтар доштанд. Ифтихори воқеии он кас аз шумораи шогирдон ва муносибати бомасъулияти онҳо ба илму таҳқиқ бармеомад, яъне ифтихори дувумӣ бештар дар пиндору гуфтори Фозил Тоҳиров аксандоз мешуд. Воқеан, ҳар як донишҷӯйи факултети ҳуқуқ аз он ифтихор дошт, ки ба сари минбар академики Академияи илмҳои Тоҷикистон, академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор омада, аз таърих ва назарияи ҳуқуқ дарс мегӯяд.

**Барои худи устод низ ин факулта ҳамеша азиз буд, зеро солҳои 1961-1966 дар ҳамин факултет таҳсил кардаанд. Аз соли 1966 то соли 1995 дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ ба сифати аспирант, муаллими калон, номзади илм (1971), дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, раиси Иттифоқи муттаҳидаи касабаи муаллимон ва донишҷӯён, котиби кумитаи ҳизбӣ, проректор оид ба шуъбаи ғоибона (1973-1978), муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ (1986-1990) ва ниҳоят ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1990-1995) буданд.**

Профессор Ф. Тоҳиров дар кори анҷуманҳои илмӣ, Шӯроҳо ва кумитаҳои давлатию ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намудаанд. Узви Шурои ҷамъиятии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Кумитаи назорати конститутсионии Тоҷикистон, комиссияи Шурои Олӣ оид ба таҳияи рамзҳои давлатии Тоҷикистон (1991-1994), раиси Шурои ректорон, узви Шурои илмӣ-методии Раёсати бойгониҳои назди Ҳукумати Тоҷикистон, ноиби президенти Ассотсиатсияи илмҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон, раиси Шурои махсусгардонидашудаи назди Донишгоҳи миллӣ оид ба дифои диссертатсияҳои номзадӣ доир ба ҳуқуқ, узви раёсати Академияи илмҳои Тоҷикистон – инҳо ҳама бар илова ба кори асосӣ, яъне таълиму тарбияи шогирдон ва омода кардани олимони ҷавони соҳаи ҳуқуқ аз ҷониби устоди шодравон иҷро карда мешуданд.

Хидмати шоистаи академик Фозил Тоҳиров дар инкишофи илму маориф, ташаккули мактаби ҳуқуқшиносии миллӣ бо унвонҳои мубораки «Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон», медалҳои «Барои меҳнати шоён», "Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои олии Тоҷикистон" ва як силсила ифтихорномаҳо қадр шудааст.

Маҳз бо гирудори зиёди устод Тоҳиров Шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ таъсис ёфт. Бо роҳбарии устод олимони он замон хеле ҷавон - И. Буриев, И. Сафаров, М. Солиҳов, Р. Зоиров, К. Холиков, А. Маликова, А. Достиев, А. Каххоров, Р. Раҷабов, Г. Бобокалонов, Э. Насриддинов, Л. Нусратов, Д. Муллоев рисолаҳои номзадӣ ва олимони баркамол Р. Сотиволдиев, А. Холиқзода, Э. Насриддинзода ва чанде дигарон рисолаҳои докториашонро ҳимоя карданд. Банда аз шумори он шогирдони сарфарози устод ҳастам, ки ҳам рисолаи номзадӣ ва ҳам докториамро таҳти назар ва ғамхориҳои устоди равоншод Фозил Тоҳиров ҳимоя кардаам ва аз чунин сурат гирифтани сарнавишт ифтихори воқеӣ дорам.

**Ба ҷуз сифатҳое, ки дар боло ном гирифтем, устод Фозил Тоҳиров сухангӯйи тавоно ҳам маҳсуб мешуданд. Он кас бо маърузаҳои илмӣ борҳо дар конгрессу симпозиумҳо дар Миср, Италия, Олмон, Покистон, Ҳиндустон, Эрон, Лаҳистон, Австрия, Москва ва дигар шаҳрҳои Федератсияи Россия ва ИДМ дастовардҳои илми ҳуқуқи ватаниро муаррифӣ кардаанд.**

Бадеҳист, ки ҳар олимеро аз махсули қалам ва андешаҳояш мешиносанд. Аксар пажуҳишҳо ва китобҳои устоди зиндаёд дар ганҷинаи илми ватанӣ ба ёдгор мондаанд ва ҳар муҳаққиқ ва донишҷӯ, албатта, ба онҳо муроҷиат мекунад. Китобҳои он кас – "Становление советского права в Таджикистане" (1987), "Правовая система Таджикской АССР" (1988), "Ташаккули ҳуқуқи шӯравӣ дар Тоҷикистон" (1994), "Правовая система дореволюционного Таджикистана" (1998), "Шариат ва танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ-оилавӣ (бо забонҳои тоҷикиву русӣ, соли 1999, бо ҳаммуаллифӣ), "Таърихи давлат ва ҳуқуқи дунёи қадим" (2003), "История государства и права Республики Таджикистан" (қисми 2, 2001), "Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ (дунёи қадим ва асрҳои миёна)" (2004), "Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷа (давраи нав ва навтарин)" (2007), "Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана, 1917-1994 гг.», "Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана" (такмили китоби пешина, 2019) аслан ниёз ба муаррифӣ надоранд, зеро ҳамеша мавриди истифодаи алоқамандон хастанд.

Дар оғози матлаб гуфтем, ки вақте мардум ба ҳасрат оянд, ҳамеша "агар" мегӯянд. Мо на аз ҳасрат, балки аз сидқи том мегӯем, ки агар устод умри тулонитар медоштанд, хидмат ва манфиаташон, бешак, ба миллату ҷомеа бештар мерасид. Аммо чӣ илоҷ, ки ҳамагӣ пеши сарнавишт ноҷорем. Устоди азиз дар синни мубораки 83-солагӣ моро падруд гуфтанд, аммо номи некашон ҳамеша бо мост, миёни маҳфилҳо ва ҷомеа аст.

Саъдии бузургвор дар «Гулистон»-аш мегӯяд: «Аз ҳосили дунё ба ҷуз ном намонад ва бадбахт касест, ки аз ӯ ин ҳам намонад». Шамсиддини Шоҳин низ ба ин маънӣ шоҳбайте дорад:

**Зи ҳар кас, ки номе дар айём монд,**
**Чӣ ғам, гар бимирад, к-аз**
**ӯ ном монд...**

Номи неки устод то ҷовидон боқист. Рӯҳашон ҳамеша шод бодо!



**Убайдулло АЗИЗЗОДА,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, мудири кафедраи назария**
**ва таърихи давлат ва ҳуқуқ**

# ОМӮЗГОР, ОЛИМ ВА ХОДИМИ НАМОЁНИ ДАВЛАТӢ



Дар таърихи ҳар халқу миллат абармардони сиёсату илму адаб ҳастанд, ки барои инкишофи давлату ҷомеа нақши босазо гузоштаанд. Маҳмудзода Маҳкам Аъзам – ходими намоёни давлатию ҷамъиятӣ, олими варзидаи соҳаи ҳуқуқ, шахсияти шинохтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз зумраи нодири чунин абармардон аст, ки ҳам дар пойдории низоми нави идоракунии давлатӣ, ҳам дар рушди илми ҳуқуқи муосир ва ҳам дар инкишофи босуботи маориф, ташаккули раванди бонизом ва босифати тарбияи толибилмон саҳми босазо гузоштааст.

**Соли 1982 ман ба факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шудам. Ба мо бисёр устодон аз фанҳои гуногун таълим медоданд, ки дар байнашон ҳуқуқшиносони дар он давру замон шинохта хеле зиёд буданд. Дар қатори онҳо устодони ҷавоне ҳам буданд, ки синну солашон аз мо донишҷӯён андаке калонтар буд. Дар суҳбат бо онҳо мо худро нисбатан озодтар ҳис мекардем. Дар байни онҳо як ҷавони 25-сола бо ному насаби Маҳмудов Маҳкам Азамович бо дониши амиқу тарзи баёни фасеҳ фарқ карда меистод. Ин омӯзгори ҷавон ба мо аз фанҳои ҳуқуқи римӣ, ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ дарс мегуфтанд. Ба ҷавонии худ нигоҳ накарда ҳис карда мешуд, ки усули тадриси ба худ хосро аз бар кардаанд. Дарсҳояшон хеле пурмазмун ва шавқовар мегузашт, ки завқи мо, донишҷӯёнро ба илми ҳуқуқ ва касби ҳуқуқшиносӣ бедор мекард.**

Баъдтар фаҳмидем, ки Маҳмудов Маҳкам Азамович ҳамагӣ се сол қабл худи ҳамин донишгоҳро бо дипломи аъло хатм намуда, бо хоҳиши роҳбарияти факултаву дастгирии роҳбарияти донишгоҳ дар ҳамин факулта ба сифати омӯзгор ба кор қабул карда шуда будаанд. Муаллими мо бар замми мутахассиси хуби соҳа буданашон дар корҳои ҷамъиятӣ низ хеле фаъол буданд. Дар чорабиниҳои гуногуни ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекарданд ва моро низ ба ин чорабиниҳо ҷалб менамуданд.

Мо, ҷавонон, ҳаракат мекардем, ки аз бисёр ҷиҳат ба ҳамин муаллими ҷавонамон монанд бошем. Аз ин рӯ кӯшиш мекардем, ки бо ӯ қаробати наздиктар пайдо намоем. Натанҳо дар давраи таҳсил, балки пас аз хатми донишгоҳ низ алоқаамонро аз устод накандем. Дар мавридҳои зарурӣ аз ӯ маслиҳат мепурсидем. Аз фаъолияти омӯзгориву илмии устод бохабар будем. Он кас дар ин ҷода бомаром, зина ба зина ба боло мебаромаданд.

Ҳанӯз дар давраи донишҷӯии мо устодамон Маҳмудов Маҳкам Азамович дар синни 29-солагӣ дар шаҳри Маскав рисолаи номзадиро дар мавзуи «Нақши ҳуқуқи оилавӣ дар нигоҳдориву устувории никоҳ» ҳимоя намуданд. Дӯстон, аз ҷумла мо ҳам, аз ин комёбии олими ҷавон хеле хурсанд шудем.

Устод Маҳкам Маҳмудзода дар муддати зиёда аз 27 соли фаъолияти омӯзгориашон дар факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз вазифаи ассисенти кафедра то ба роҳбари факулта камол ёфтанд. Роҳбарии факулта дар солҳои барои Тоҷикистони соҳибистиқлол бисёр душвор насиби он кас гашт (аз соли 1993 то 2006). Он солҳо дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт. Бисёр олимони шинохта, мутахассисони варзида, аз ҷумла устодони факултаи ҳуқуқшиносии донишгоҳ низ ҷумҳуриро тарк мегуфтанд. Музди меҳнати устодон ночиз буд ва он ҳам сари вақт пардохт карда намешуд. Вазъи ноороми кишвар, махсусан шаҳри Душанбе, имкон намедод, ки машғулиятҳо мунтазам, бо иштироки пурраи донишҷӯён гузаронида шаванд.

Ана дар чунин як вазъияти ногувор ба роҳбари факулта лозим меомад, ки натанҳо фаъолияти мунтазами факултаро ба роҳ монад, балки чунин масъалаҳои тамоман ба мансаби ӯ дахл надоштаро ба мисли бо маводи ғизоӣ таъмин кардани омӯзгорону донишҷӯёнро ҳал намояд.

Устод Маҳмудзода яке аз аввалин шахсоне буданд, ки барои нигоҳ доштани ҳайати устодони донишгоҳ ҷорӣ намудани тарзи таҳсили шартномавиро пешниҳод карданд. Он вақт давлати ҷавони соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба мутахассисон, махсусан мутахассисони соҳаи ҳуқуқ эҳтиёҷи калон дошт. Аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ тайёр намудани мутахассисони ин соҳа дар шароити буҳронии он солҳо хеле мушкил буд. Бо ин тадбир ҳам шумораи мутахассисони соҳа зиёд карда мешуданду ҳам масъалаи баланд бардоштани музди меҳнати устодону кормандон то андозае ҳалли худро меёфт. Ин пешниҳод дастгирӣ ёфт ва каме ҳам бошад роҳи ҳалли масъала гашт.

**Устод Маҳмудзода муддати 13 сол роҳбарии факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба ӯҳда доштанд. Мутахассисоне, ки дар ин давра бахши ҳуқуқи Донишгоҳи миллиро хатм намудаанд, имрӯз дар тамоми соҳаҳои идоракунии давлат ифои вазифа мекунанд.**

Донишҷӯёне, ки дар ин солҳо факултаи ҳуқуқи донишгоҳи миллиро хатм намуданд, имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо кору фаъолият мекунанд. Бархе аз онҳо ба мисли худи устод дар вазифаҳои масъултарини давлатӣ кор карда, ҳамчун ходимони намоёни давлатӣ эътироф гаштаанд.

Устод Маҳмудзода дар қатори омӯзгори пуртаҷрибаву ташкилотчӣ будан олими пурмаҳсул низ мебошанд. Бо қалами устод бештар аз 60 китобу 320 мақолаҳои илмӣ ва илмӣ оммавӣ навишта шудаанд.

Устод мутахассиси бисёр варзидаи соҳаи ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи римӣ дар ҷумҳурӣ мебошанд. Чи тавре дар боло ёдовар шудем, соли 1986 дар шаҳри Москва рисолаи номзадиашонро дар мавзӯи «Нақши ҳуқуқи оилавӣ дар нигоҳдориву устувории никоҳ», соли 1998 рисолаи докториро дар мавзӯи «Проблемаҳои ҳуқуқии нигоҳдорӣ ва устувории оила дар Тоҷикистон» бомуваффақият ҳимоя намудаанд. Дар такмили қонунгузории соҳаи ҳуқуқи оилавӣ саҳми сазовор доранд. На танҳо дар таҳия, баррасӣ ва қабули Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок кардаанд, балки тафсири илмиву оммавии кодекси номбурдаро низ навиштаанд.

Устод яке аз донандагони хеле варзидаи ҳуқуқи римӣ дар Тоҷикистон буда, барои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани мундариҷаи ғоявӣ-назариявии ҳуқуқи римӣ ҳиссаи сазовор гузоштаанд. Маҳкам Маҳмудзода яке аз ташаббускорони гузаронидани Машварати (Коллоквиуми) X романистони давлатҳои Авруосиёи марказӣ ва шарқӣ (соли 2009) ва семинари Авруосиёгӣ оид ба ҳуқуқи римӣ (соли 2011) дар шаҳри Душанбе мебошанд, ки дар онҳо намояндагони бисёр кишварҳои дунё, аз ҷумла Италия, Румыния, Хитой, Россия, Белоруссия, Латвия иштирок намуданд. Дар баробари ин худ иштирокчии ин машварати романистон ва семинари Авруосиёгӣ оид ба ҳуқуқи римӣ дар дигар давлатҳо, аз ҷумла Италия (Рим соли 2005), Россия (Иркутск соли 2009) мебошанд.

Ҳамчунин устод оид ба Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурият ва аҳамияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия асарҳои хеле зиёди илмиву бунёдӣ эҷод кардаанд. Таҳқиқоти бунёдии он кас «Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқи миллӣ» яке аз онҳо буда, дар илми ҳуқуқшиносии миллӣ яке аз падидаҳои нав ба ҳисоб меравад. Қобили қайд аст, ки Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шарҳу таҳлили муфассали ҳар як моддаи онро фаро мегирад ва бори нахуст таҳия карда шудааст, зери таҳрири Академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳкам Маҳмудзода нашр шудааст. Ба он кас муяссар гардид, ки олимони шинохтаи ҷумҳурӣ, ходимони давлатиро ва мутахасисони баландпояи амалияи ҳуқуқро ба ин кор ҷалб намуда, шарҳи меъёрҳои конститутсиониро бо назардошти қонунҳои амалкунанда анҷом диҳанд. Дар баробари таҳрири умумии тафсири номбурдаро ба ухда доштан, инчуни тафсири моддаҳои 1, 33, 34, 52, 56, 80 ва муқаррароти интиқолии Конститутсия ба қалами устод тааллуқ доранд.

**М. Маҳмудзода дар давраи фаъолияти меҳнативу эҷодии худ ба тамоми унвонҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор гаштаанд. Агар соли 1991 соҳиби унвони дотсент ва соли 2000-ум унвони профессори кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шуда бошанд, соди 2004 узви вобаста ва соли 2008 Академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.**

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он Маҳкам Маҳмудзодаро ҳамчун ходими намоёни давлатӣ мешиносанд. Устод дар баробари омӯзгори варзида ва олими шинохта буданашон, инчунин дар ҳаёти сиёсиву ҷамъиятии ҷомеа низ фаъолияти густурда доранд. Дар вазифаҳои бисёр масъули ҳокимияти давлатӣ ифои вазифа намудаанд. Дар солҳои бисёр вазнин барои шаҳри Душанбе – солҳои 1990-1995 вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе буданд. Дар қабули қарорҳои ҳамонвақтаи мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳр ҳамчун машваратчии ҳуқуқӣ хеле фаъолона иштирок мекарданд.

**Соли 2002 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дуюм) таъин гардиданд. 25 марти соли 2005 узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати сеюм) таъин гардида, дар иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати сеюм Раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният интихоб шуданд. Ҳамчун узви мақомоти олии қонунгузор дар таҳия ва қабули бисёр санадҳои қонунгузорӣ саҳми калон доранд.**

Минбаъд фаъолияти меҳнатии Маҳмудзода дар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия идома меёбад. Бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳкам Маҳмудзода 4 феврали соли 2006 муовини Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 январи соли 2008 муовини аввали Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардиданд. Фаъолияти Маҳкам Маҳмудзода дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ низ хеле самаранок буд. Он кас дар ин вазифа худро ҳамчун ҳуқуқшиноси варзидаи соҳа нишон дода тавонистанд. Ин буд, ки дар асоси пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳкам Маҳмудзода дар иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 майи соли 2009 Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Маҳкам Маҳмудзодаро ҳоло на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз он ҳам ҳамчун олими варзидаи соҳаи ҳуқуқ ва ходими намоёни давлатӣ мешиносанд. Дар сомонаи «Осиёи марказӣ» («Центразия») гӯшаи махсусе ҳаст бо номи «Кӣ, кӣ аст» (Кто есть кто). Дар он дар бораи бештар аз 20000 шахсиятҳои маълуму машҳури давлатҳои Осиёи марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Тоҷикистон ва Афғонистон) маълумоти мухтасар дода шудааст. Маълумоте, ки нисбати Маҳкам Маҳмудзода дода шудааст, аз маълумотҳо нисбати шахсиятҳои дигари маъруфи Тоҷикистон бо он фарқ мекунад, ки дар баробари маълумотҳои расмӣ дар сомона баҳои шахсони дигар ҳам ба шахсияти Маҳмудзода дарҷ гардидаанд, ки дар аксари дигар ҳолатҳо ба мушоҳида намерасанд. Ин гуна баҳоҳо якчандтоанд, вале дар байни онҳо як навиштаҷот диққати маро ҷалб намуд. Сокини Озорбойҷон Собир Носир-уғли Уруфзода чунин менависад: «Салом шахси барои ман азизу меҳрубон Маҳкамҷон. Ман Собир Носир-уғли Уруфзода то соли 1995 дар шаҳри Душанбе зиндагӣ мекардам ва дар Матбааи якум сардори маркази суратҷобаҷокунӣ будам. Дар ин солҳо мо бо ҳамдигар шинос шудем. Ман китоби якуми шумо – «Қонунгузории манзили Тоҷикистон»-ро таҳрир намуда будам. Имрӯз дар сомонаи «Центразия» дар бораи шумо ин маълумотҳоро хонда хеле хурсанд шудам ва ба хулосае омадам, ки эҳтироми худро нисбати шумо ба ҷо орам. Муҳтарам Маҳкам, муаллим, ба шумо саломатии бардавом ва дар ҳаётатон комёбиҳо таманно дорам».

Ин мурочиати самимию пур аз меҳру иззати хоса боз як далели эътирофи шахсияти Маҳкам Маҳмудзода ҳамчун роҳбар, олим, инсони комил аст.

**Маҳкам Маҳмудзода дар рушди илми ҳуқуқ, мутобиқгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми нави ҳуқуқӣ саҳми босазо гузоштаанд ва хизматҳои он кас сазовор қадр карда шудаанд. Ин аст, ки Маҳмудзода бо мукофотҳои давлатии Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи II, Ордени «Содружество», медали ҷашнии «20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар ифтихорномаву медалҳо сазовор гардонида шудаанд.**

Ҳамчунин, моҳи августи соли гузашта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як зумра намояндагони касбу кори гуногун, ки дар масири 30 соли истиқлолият фаъолияти кории назаррас доштанд, мукофотҳои давлатӣ, унвонҳо ва ҷоизаҳои давлатӣ супориданд, ки дар ин радиф Устод Маҳмудзода М.А.,бо медали ҷашнии «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардиданд.

Соли 2013 барои саҳми арзанда гузоштан дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ байни олимону ҳуқуқшиносони ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Италия бо унвони «Доктори ҳуқуқи гражданӣ ва римӣ»-и Донишгоҳи шаҳри Рим «Ла-Сапиенса» ва аз ҷониби шаҳрдории Рим бо медали фахрии номӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Маҳкам Маҳмудзода на танҳо сазовори ҳамаи унвонҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистонанд, балки ба унвонҳои баландтарини касбӣ низ сазовор дониста шудаанд. Он кас Судяи дараҷаи олии тахассусӣ ва Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Дар арафаи 60-солагиашон ба устод саломатии бардавом, бахту иқболи наку ва комёбиҳои нав ба нави эҷодиро таманно дорем. Корномаи ин шахсияти шинохта идома дорад ва итминон дорем, ки ақлу хирад, донишу фазилат, заковатмандӣ, фидокорӣ ва талошҳои пайгиронаи устод ҷиҳати рушди илми ҳуқуқ дар замони истиқлолияти давлатӣ, пойдории қонуният ва рушди бонизоми давлат хизмат менамоянд.

**Рустам ШОҲМУРОД**
**Раиси кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният**

# ЗАБОН – МУҲИМТАРИН РУКНИ ДАВЛАТДОРӢ

Бо назардошти оне ки миллати тоҷик тулӣ зиёда аз ҳазор сол дар ҳолати бедавлатӣ қарор дошт ва инчунин як қисмати таърихи дури миллат дар даврони Шуравӣ буд, ба даст овардани Истиқлол баҳри шаклгирии давлати миллӣ ва эҳёи фарҳанг ва арзишҳои миллӣ мусоидат намуд.

Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ имкониятҳои фароҳро баҳри бунёди давлати миллӣ фароҳам овард. Яке аз рукнҳои асосии давлати миллӣ ин забон мебошад. Дастоварди бузургӣ миллати тоҷик баъд аз истиқлол ин қабули Кониститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҳз бо шарофати қабули Кониститутсия забони тоҷикӣ мақоми давлатиро соҳиб шуд, минбаъд барои шаклгирии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ мусоидат намуда соҳибихтиёрии милатро мустаҳкам намуд. Моддаи 2 Кониститутсия барои забон бахшида шуда, ҳамчун як рукни давлатдори дар ин меъёр мустаҳкам гардидааст. Чунончи дар моддаи мазкур зикр гаштааст: “Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст”. Ин қадамҳои нахустин баъд аз соҳибихтиёрӣ баҳри бунёди давлатӣ миллии тоҷикон мебошад.

Ба ҳайси заони давлатӣ эътироф шудани забони тоҷикӣ марҳилаи рушди истиқлоли миллӣ ба шумор меравад. Мақоми давлати доштани забони тоҷикӣ, маънои онро надорад, ки аз ҳуқуқу озодиҳои ақалиятҳои миллӣ фӯругузори мешавад.

Нахустин бор қонуни забон 22-июни соли 1989 қабул шуда аст, ки вазъи ҳуқуқии забони тоҷикӣ ва истифодаи онро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамуд. Вале азбаски ин қонун ҳанӯз дар замони Шуравӣ қабул шуда буд, воқеият ва манфиатҳои давлати миллӣ ва соҳибистиқлоли Тоҷикистонро пурра инъикос намекард, зарурати такмили қонуни мазкур ба миён омад.

Ҳамин тавр, 5-уми октябри



**Нусратуллои НАЗАРИЁН**
**дастпарвари факултет**

соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии ҶТ” қабул гашт. Мақсади қабули қонуни мазкур ин танзими истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигар дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давалтӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошад. Мақоми давлатӣ доштани забони тоҷикӣ дар ин қонун мустаҳкам гардида, шаҳрвандонро барои донистани он уҳдадор намудааст.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ, таҳдиду хатарҳои он ва бархӯрди тамаддунҳо масъалаи ҳифзи забон ва фарҳангӣ миллӣ авлавият касб намуд. Зеро забон ин кафили бақои як миллат буда рамзи истиқлол ва озодӣ мебошад. Шароити ҷаҳонишавӣ ва хатару таҳдидҳои он ба сӯйи миллатҳои мутамадин равона шудааст. Ҳифзи забон аз ҳар гуна олудагӣ ва таъмини инкишофи он дар дохил ва беруни мамлакат аз манфиат холи нест.

Истиқлоли миллӣ даст дод то миллати тоҷик ба мақоми баланди фарҳангӣ бирасад ва ин дастовард дар заминаи инкишофи забони миллӣ дар тулӣ чанд соли соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Забон маданияти миллатро ташаккул медиҳад ва аз ин роҳ дар гирдоби ҷаҳонишавӣ ҷиҳати ҳифзи истиқлоли миллӣ нақши созгор дошта метавонад.




# ЧИ ИҚБОЛЕ, КИ МАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ...

Ватан ганҷинаи бебаҳо барои ҳар як фарди ватандӯст, баномус аст, ки онро бояд дуст дошт ва чун гавҳараки чашм эҳтиёт кард. Имрӯзҳо ватани мо хеле ободу зебо гаштааст, биноҳои пурҳашамат, донишгоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ, боғчаҳои бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз, боғу хиёбонҳои гулгулшукуфон ва роҳҳои ободу чароғон назаррас мебошад. Фазои кишвар осудаву ором аст. Ва мо бояд шукрона кунем, ки чунин Ватани азизу маҳбуб дорем. Қобили зикр аст, ки имрӯзҳо аз тарафи давлат, ҳукумат ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар муассисаҳои таълимӣ ва Донишгоҳҳои олӣ оид ба таъмини амнияти давлат, шомил нашудан ба гуруҳҳои террористӣ-экстремистӣ ва ифротгароӣ бо насли ояндасози Ватан вохӯриҳо гузаронида мешавад. Вале мутаасифона дар ҷомеаи имрӯза шахсоне ҳастанд, ки барои як пули ночиз Ватан, давлат, миллат ва наздиктарин дӯсти худро мефурӯшанд. Чунин шахсон берун аз ватан ва давлат зиста, давлат ва миллати худро бадном мекунанд. Чуноне ки профессор, узви вобастаи АМИТ С.Ятимов дар китоби худ «Аристотел: давлат ва сиёсат» фармудааст: «Дароздастони кутаҳостине, ки аз дуриҳо даъвои сиёсат мекунанд, донанд, ки миллати тоҷик, аз зарфият ва сифати интеллектуалие, ки эшон муҳокимаронӣ мекунанд, болотар меистад».

Арасту низ нисбат ба шахсоне, ки аз таъмини манфиатҳои давлат канораҷӯӣ мекунанд ва берун аз ватан ва давлат зиндагӣ кардан мехоҳанд, гуфтааст: «касе, ки аз рӯйи табиати хеш, на дар натиҷаи ҳолати фавқулода, берун аз давлат зиндагӣ мекунад, ё махлуқи аз лиҳози маънавӣ норасида ё фавқулинсон аст».

**Бе ватан бешарафу**
**бе ном аст,**
**Ҳастии давлати инсон**
**ватан аст.**

Бояд мо, – насли ҷавон сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷонибдорӣ намуда, кӯшиш намоем то тамоми ҳастии худро баҳри ҳифзи марзу буми кишвар равона созем. Чуноне ки асосгузори адабиёти классикии ӯзбек, Алишер Навоӣ гуфтааст: «То замоне, ки одам зиндааст, бояд барои Ватанаш мубориза барад».

Ҳеҷ гоҳ нагузорем то ноҳалафе ба сарзамини аҷдодии мо санги маломат занаду онро бад-



**Пайрав АБДУРАҲИМЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

ном кунад. Ва то он даме, ки ҷон дар бадан дорем бояд онро баҳри оромиву озодӣ, ободиву зебоӣ ва ҳимояи марзу буми Ватан равона созем. Дар охири сухан мехохам бо шеъри басо пурмазмуни шоир Хайрандеш фикрамро ба итмом расонам.

**Ватан дорам ҳама ганҷи**
**ҷаҳон дорам**
**Ватан дорам дили беормон**
**дорам**
**Ватан дорам зи офатҳо**
**амон дорам**
**Чи иқболе, ки ман дорам,**
**ватан дорам, ватан дорам**

# THE HISTORY OF THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF THE TAJIK PROSECUTOR'S OFFICE

A thousand years after the collapse of the Samanid state, the Tajik people had the opportunity to start building their own state. All this was not easy, but the people were able to survive the hardships and overcome many obstacles to achieve their cherished dream.

Later, in accordance with the Resolution of the Revolutionary Committee of the USSR of November 26, 1924, the Provisional Government of Tajikistan was established, which is essentially a Revolutionary Committee.

The People's Commissariat of Justice and the Prosecutor's Office of the Republic began to work on December 22, 1924. From this day, the Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan begins its formation and development.

Tojiddin Saifuddinov is appointed as the Chairman of the People's Commissariat of Justice. He was the first to be appointed prosecutor of the Tajik ASSR on February 18, 1925, and worked until 1927. Mullojon Sadullayev has been appointed to the post of prosecutor of the republic since 1927 by the Bureau of the Central Committee of the CP (b) of the Tajik SSR.

The Prosecutor's Office of the Republic exercised strict supervision over the implementation of the resolutions of the party and the Government, and took measures to prevent any deviations from the requirements of the legislation that weaken or undermine the economy. The prosecutor's office also actively combat against speculation, abuse, mismanagement, as well as infringement of the rights and legitimate interests of citizens.

By 1964, the prosecutor's office of the Tajik SSR included: one city and five district prosecutor's offices of the GBAO; 9 city prosecutor's offices of republican subordination; 23 district prosecutor's offices; 4 units of military prosecutor's offices - a total of 42 prosecutor's offices. In 1964, the Office of the Prosecutor's Office of the republic had 8 departments.

The period of formation of the Prosecutor's Office of the republic and its further development are associated with the names of such prominent figures in this field as S. Ismoilzoda, A. Rakhmonov, Ch.Imomov, M. Sadullayev, T. Saifiddinov, S. Khodzhiyorov, N. V. Zhogin, V. A. Bulargin and others, who took on the difficult tasks of building the foundations of the prosecutor's office in Tajikistan.

In January 1966, the professional honorary title «Honored Lawyer of the Tajik SSR»was established. This title was awarded to lawyers for their services in strengthening the rule of law and achieving high performance in the investigative case. From 1967 to 1990, 35 employees of the prosecutor's Office were awarded with this honorary title.

In 1991, Tajikistan declared its sovereignty and independence. The young state at the behest of history – in connection with the collapse of the Soviet Union-has moved to a new stage of its development, new conditions have emerged for improving the activities of the prosecutor's office.

The events of 1990-1994 were a serious test of the viability of the Tajik Prosecutor's Office.

During these fateful years, N. Khuvaidullayev (1991-1992) became the first Prosecutor General of independent Tajikistan.

The historic 16th session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, convened in November 1992 at the request of the Popular Front and the population of the republic, restored constitutional power and M. S. Salikhov was appointed to the post of Prosecutor General of the Republic.

After the restoration of the constitutional power in the republic, a team for the investigation and disclosure of crimes began to operate. The brigade consisted of 35 groups consisting of 250 qualified investigative and operational employees of the Prosecutor's Office, the CNS and the Ministry of Internal Affairs.

For the first time in the history of the Prosecutor's Office of the Republic, the Law «On the Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan» was adopted in 1992 and, in accordance with the resolution of the Supreme Council, entered into force on April 30, 1992.

According to this law, the task of the prosecutor's office was to ensure the rule of law, strengthen the rule of law and the rule of law in order to protect: the independence and sovereign rights of the Republic of Tajikistan; socio-economic, political and other rights and freedoms of citizens; the foundations of the democratic structure of State power, the legal status of local Councils of People's Deputies, State bodies and public organizations.

The Prosecutor's Office also took part in the development of measures to prevent crimes and offenses, in the work to improve and clarify the laws.



**Parviz DUSTOV**
**student 3rd year**

In connection with the development of society, in order to strengthen the rule of law, the rule of law and the fight against crime, on March 11, 1996, also in a new version on July 25, 2005, the Constitutional Law «On the Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan was adopted.

Currently, according to these Constitutional Laws, the following has been added to the main activities of the Prosecutor's Office:

- development of measures to prevent crimes, fight corruption, terrorism, extremism and other offenses together with other state bodies, participation in the work on improving and clarifying laws;
- coordination of the activities of law enforcement agencies in the fight against crime and its prevention, corruption and other offenses;
- participation in the consideration of cases by the courts;
- bringing a protest against decisions, sentences, court rulings that contradict the law.

The Prosecutor's Office, in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan, may, within the limits of its powers, act in other areas where prosecutor's supervision is necessary.

The prosecutor's offices are independent in carrying out their activities and carry them out directly and on behalf of the State. To implement the provisions of the law in practice, employees of the prosecutor's office require high professionalism, qualified knowledge, personal courage and a sense of justice.

# ЗАБОН – РУКНИ МУҲИММИ ДАВЛАТДОРӢ



**Баҳодур НЕГМАТОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

Забон муҳимтарин рукни муайянкунандаи хастии ҳар як миллат мебошад. Дар дарозои таърих забони тоҷикӣ ҳарчанд имтиҳоноти вазнини таърихиро паси сар намуда бошад ҳам, вале то ба имрӯз моҳияти худро, яъне ҷавҳари ҳастиашро аз даст надодааст. Миллати тоҷик яке аз миллатҳое мебошад, ки дар саргаҳи тамаддуни ҷаҳонӣ қарор дорад ва бо дастовардҳои таърихии бемисли худ ба ҷаҳониён ҳамчун кишвари фарҳангдӯст, тамаддунофар ва сулҳпарвар шинохта шудааст. Асарҳои мондагори фарзандони фарзонаи миллати тоҷик, ки чандин аср боз барои тамаддуни ҷаҳонӣ хизмат карда истодаанд, далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Дар воқеъ, забони тоҷикӣ яке аз беназиртарин ва пурарзиштарин дастоварди миллати куҳанбунёди тоҷик маҳсуб мешавад, ки он мисли оинаи фарҳангу тамаддун, таърих ва оину суннатҳои миллии халқи тоҷикро ҷило мебахшад. Забони тоҷикӣ ва миллати тоҷик бо ҳам тавъам мебошанд, зеро мавҷудияти миллатро бидуни забони миллиаш тасаввур кардан ғайриимкон аст.

**Таҳкими мақому манзалати забони тоҷикӣ бо фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбари давлат пайвандӣ дорад. Аз рӯзҳои аввали роҳбарии худ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба забони давлатӣ – забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, онро рукни муҳимми давлатдорӣ эълон намуд.**

Нақш ва хизматҳои хастанопазиру талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё ва барқарор намудани рукнҳои давлатдории миллӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ бениҳоят назаррас арзёбӣ мегардад.

Пешвои миллат асари гаронбаҳоеро бо номи “Забони миллат – ҳастии миллат” таълиф намудаанд, ки фарогирандаи тамоми ҷанбаҳои забони тоҷикист. Дар ин асари бунёдӣ дастовардҳои охири забоншиносиву тоҷикшиносии ватаниву ҷаҳонӣ гирдоварӣ ва ҷамъбаст гардидаанд. Дар асари мазкур Пешвои миллат тавоноӣ ва ракобатпазирии забони тоҷикиро махсус таъкид менамоянд: “...нуфуз ва тавоноии ин забон ба ҳадде буд, ки на танҳо дар ҳавзаи илму фарҳанг, балки дар сиёсат ва давлатдорӣ низ ҳеҷ забони дигар бо вай рақобат карда натавонист ва қавму миллатҳои мухталифе, ки асрҳо дар ин сарзамин ҳукмронӣ карданд, онро на танҳо ҳамчун забони илму фарҳанг, балки ба ҳайси забони сиёсат ва давлату дарборҳои худ пазируфтанд».

Дар шароити кунунӣ омӯзиш ва аз бар кардани забонҳои хориҷӣ ба маротиб афзудааст, аммо ин раванд набояд ба мавқеи забони модарӣ таъсиргузор бошад. Аз ҳар як фарди тоҷик, ки худро ватандӯсту хештаншинос меҳисобад, даъват ба амал оварда мешавад, ки ба забони давлатӣ, яъне забони тоҷикӣ эҳтироми хоса зоҳир намуда, қадру манзалати онро коста нагардонад, зеро шоири бузургвор Тошхӯҷа Асирӣ мефармояд:

**Ҳар кас ба забони худ
сухандон гардад,
Донистани сад забон-ш
осон гардад.**

Вазифаи ҳар яки мо ҳамчун намояндаи ин миллати куҳанбунёд, дуруст омӯхтан ва гиромидошти забони тоҷикӣ ва поку беолоиш ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани он мебошад.

# ҶАБРИ УСТОД БЕҲ АЗ МЕҲРИ ПАДАР



**Маҳмуд ШАРИФЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

**Подшоҳе писар ба мактаб дод,
Лавҳи симинаш бар канор ниҳод.
Бар сари лавҳи ӯ навишта ба зар,
Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар.**

Дар зиндагӣ инсон бояд ҳамеша аз устоди худ сипосгузор бошад. Устод барои шогирд ҳамчун роҳнамост ва шогирд бояд суханони устодро гӯш кунад. Ҳангоме ки ҷавон ягон хаторо содир мекунад устод, ӯро сарзаниш менамояд, то ин ки ӯ дигар ин хаторо такрор насозад. Барои ҳамин ҳам мегӯянд, ки ҷабри устод беҳ аз меҳри падар. Суханони устод на ҳамеша ба мо маъқул аст, аммо ҳар он сухане, ки устод мегӯяд, барои хубии худи мост. Шогирд низ бояд дар навбати худ устодро эҳтиром намояд ва набояд дар ҳақаш суханони носазо бигӯяд.

**Саъдиё, Шерозиё, таълим
мадеҳ бадзодро,
Бадзод агар олим шавад, санге
занад устодро.**

Ин байти шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ дар ин ҳолат бениҳоят бамаврид аст. Устодон аввал ба тарбия ва пас аз он ба дониши шогирд аҳаммият медиҳанд. Инсони боилм бояд ҳамеша ботарбия бошад ва одобро нигоҳ дорад. Рӯзгор низ барои мо ба мисли омӯзгор аст. Он низ дар тӯли ҳаётамон ба мо дарс медиҳад. Беҳтарин дарсу сабақе, ки мо аз рӯзгор меомӯзем, ин сабр аст. Фарқияти дарси байни рӯзгор ва омӯзгор дар он аст, ки омӯзгор аввал дарс медиҳад, баъд имтиҳон мегирад, аммо рӯзгор аввал имтиҳон мегирад, баъд сабақ медиҳад. Чӣ тавре ки Абабдуллоҳи Рӯдакӣ мегӯяд:

**Ҳар ки на-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ на-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.**

Ҳар киро дар зиндагӣ устодест. Имрӯз чи муаллиму чи духтур, чи ронанда ва чи коргару бофанда ҳама устодону шогирдони худро доранд. Ҳамаро дар ҳаёт касе омӯзонидааст. Ҳар кас метавонад аз таҷрибаи бузурги ҳаётиаш кору фаъолиятеро ба касе омӯзад. Дар ҳама давру замон ҷомеаи ҷаҳониро бе устод тасаввур кардан хеле душвор аст. Моро устод таълим медиҳад ва ба роҳи рости зиндагӣ ҳидоят мекунад. Бузургон бесабаб нагуфтаанд, ки муаллим мисли шамъ аст. Худаш месӯзад ва ба дигарон равшанӣ мебахшад. Миллати куҳанбунёд ва маорифпарвару илмдӯсти тоҷик имрӯз низ ба муаллим арҷ мегузорад ва ӯро сабаби рушду тараққии инсону ҷомеа медонад, зеро баландие аз маснади омӯзгор нест. Ҳангоме ки устод шогирди ба ҷон парвардаро рӯи коре мебинад, беихтиёр мефахрад, ки нахли парвардааш самар додааст. Устод мефахрад, ки аз тифле шоире, олиме, соҳибкасбе тарбия намудааст.




Хулоса, муаллим ҳидояткунанда, мунису ғамхор, дӯсти беғараз аст. Ӯ бо нури илму дониш олами фикриро равшан намуда, равзанаи пурасрори илмро ба рӯйи шогирдон мекушояд. Омӯзгор сазовори таҳсину офарин ва намунаи ибрат ба аҳли башар аст. Пас, моро зарур аст, ки ҳаққи хидмати шоистаи устодро бо амалҳои хуби инсонӣ ҷавоб гардонем, зеро хушбахтии устод дар хушбахтии шогирд аст.

**То ин ки тифл ҳонаду
соҳибҳунар шавад,
Устоди меҳрубони ӯ хуни
ҷигар шавад.
Таҳсин ба он кас ки пас
аз хатми мактабаш,
Зи устоди меҳрубони хеш
бохабар шавад.**